БОМБАИ НИҲОНИИ ШӮРАВӢ ВА ТАҚСИМИ МЕРОСИ ОМ с. 8
ПЕШНИҲОДИ ДӮСТУМ БАРОИ ТАШКИЛИ ҲУКУМАТ с. 4
ҶАЗОИ ДУ МАНСАБДОР БАРОИ “ҲОҶИОШӢ” с. 3



ТОҶИКИСТОН
№38 (1601), 18.09.24 Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» яктост! Оғози нашр соли 1992

# ҶАЛБИ ОЛМОН БА СОХТМОНИ “РОҒУН”

## Мулоқоти Эмомалӣ Раҳмон бо Олаф Шолтс бо чӣ анҷомид?



ДАР ИН ШУМОРА:

**НОМАИ ОМӮЗГОР**
Ба доди ман кӣ мерасад? с.6

**СИТОРАИ ИТТИҲОД**
Ҷоизаи ҷаҳонии олими тоҷик с.2

**ОЯНДАИ РАВШАН**
Оё Тоҷикистон маркази тиҷорати байналмилалӣ мешавад? с.5

**ТОҶИКОН**
Чаро бештар Русияро интихоб мекунанд? с.4

**ҲАМЛА БА МУФТӢ**
Ҷинояткорро 7 соли зиндон интизор аст с.11

**ФАРЗАНДИ СОДИҚ**
Генерал-майор Эркин Муҳиддинов 80-сола шуд с.13

**ВАРЗИШ**
3 ҷудокори тоҷик дар рейтинги байналмилалӣ с.10

**КАНЗИ ШИФО**
Норасоии калсий чӣ паёмад дорад? с.12

МАҶМААИ ИСТИРОҲАТИИ «ВАРЗОБ РИВЕРА»
ШИРКАТИ "СЕБИСТОН" ДАР ЗЕБОТАРИН МИНТАҚА - ЛАБИ ДАРЁИ ВАРЗОБ ЛОИҲАИ БЕНАЗИРИ ТАУНХАУСИ "ВАРЗОБ РИВЕРА"- РО ПЕШНИҲОД МЕКУНАД:
СЕБИСТОН-2018 ширкати сохтмонӣ



- Табиат ва ҳавои тоза, беҳтарин шароит барои зиндагӣ ва истироҳат;
- Таунхаусҳо бо дизайни аврупоӣ ва мебелу техникаи муосир;
- Ҳавзи шиноварӣ, варзишгоҳ, майдонҳои сайругашт ва машқу бозии кӯдакон;
- Таъмини бехатарии таунхаусҳо, осоиши ҳар сокини он, нигаҳбонии 24/7;

Ин ҳама дар таунхауси «Варзоб Ривера», километри 38 уми роҳи Варзоб

БАРОИ ГИРИФТАНИ МАЪЛУМОТИ БЕШТАР:
ТЕЛЕГРАМ: +992 200 00 00 00 | +992 002 77 44 33
ВЕБСАЙТ: WWW.SEBISTON.COM

## ҲАЙАТИ МУШОВАРА

**Шариф ҲАМДАМПУР,**
Сармуҳаррир,
раиси ҳайати мушовара

**Усмон РАҲИМЗОДА,**
муовини сармуҳаррир

**Одил НОЗИР,**
муҳаррир

**Талбак НАЗАРОВ,**
раиси “Сандуки хайрияи Тоҷикистон”, академик

**Фарҳод РАҲИМӢ,**
академик

**Шералӣ КАБИР,**
вазири саноат ва технологияҳои нави Тоҷикистон

**Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА,**
раиси Шӯрои уламои Тоҷикистон

**Масъуди МИРШОҲӢ,**
раиси Бунёди Рӯдакӣ (Фаронса)

**Қозидавлат ҚОИМДОДОВ,**
сиёсатмадор

**Адаш ИСТАД,**
нависанда (Узбекистон)

**Ҳафиз РАҲМОН,**
адабиётшинос

**Иноят ИНОЯТОВ,**
ҳуқуқшинос

**Умед СУЛТОНОВ,**
саҳифабанд

**МУАССИС:**
**Ҳайати кормандони ҳафтанома**

*Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шудааст.*
*Дар ҳафтанома матолибе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашриёҳо чоп намудани матолиб ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи матолиби шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолибро аз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.*

**ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:**
**221-00-84,**
**227-19-95**
**tojikiston@pressa.tj**

**ШУЪБАИ ЭЛОН ВА РЕКЛАМА**
**ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16**
**238-78-78, 44 640-99-88,**
**238-61-61**
**ads@rg.tj**

**ОБУНА ВА ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО**
**918-66-82-64,**
**221-41-11**

**ТЕЪДОДИ НАШР:**
33 000 нусха.


# ҲАЙАТИ ВИЛОЯТИ РЯЗАН БАРОИ ҲАМКОРӢ БА СУҒД ОМАДАНД

**Ҳамкориҳои вилояти Суғд бо вилояти Рязани Русия тақвият меёбанд. Дар ин бора зимни мулоқоти ҳайатҳои дуҷониба, ки дар шаҳри Хуҷанд сурат гирифт, зикр ёфт.**

Бояд қайд кард, ки ҳайати расмии вилояти Рязани Русия бо роҳбарии муовини раиси вилояти Рязан Юля Швакова вориди шаҳри Хуҷанд шудаанд.

Раиси вилояти Суғд Раҷаббой Аҳмадзода зимни мулоқот бо ҳайати Рязан таъкид кард, ки ҳамкории ду давлати дӯст беш аз пеш густариш меёбад.

“Дар ин замина вилояти Суғд бо минтақаҳои гуногуни Русия муносиботи ҳасана дошта, мубодилаи молу маҳсулот сол аз сол афзоиш меёбад”,- гуфт ӯ.

Инчунин раиси вилоят қайд кард, ки имрӯзҳо даҳҳо корхонаҳои муштарак дар вилоят фаъолият доранд.

Муовини раиси вилояти Рязан Юля Швакова иброз дошт, ки ҳадаф аз ташрифашон ба вилояти Суғд пеш аз ҳама густариши ҳамкориҳо, шиносоӣ бо зарфиятҳои мавҷуда ва дарёфти шарикон дар самту соҳаҳои мухталиф мебошад.

# БАРРАСИИ МАСОИЛИ МУҲОҶИРОН ДАР ДУШАНБЕ

**Дар ҷаласаи Шӯрои ҳамоҳангсоз оид ба ҳамкорӣ бо диаспораҳои тоҷикон масоили ҳифзи ҳуқуқи муҳоҷирони тоҷик дар Русия ва риояи қонунгузорӣ баррасӣ шуд.**

Ҷаласаи мазкур дар Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Тоҷикистон баргузор шуд. Дар он вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ Гулнора Ҳасанзода, намояндагони вазорату идораҳо, инчунин диаспораҳои тоҷикон иштирок намуданд.

Бино ба иттилои вазорат, дар ҷаласа оид ба масъалаи ҳамкории диаспораҳои тоҷикон ва ҳамватанони бурунмарзӣ дар самти ҳифзи ҳуқуқҳои муҳоҷирони меҳнатӣ, риояи қонунгузорӣ, омӯзиши забон ва касбу ихтисос ва тарғиби фарҳанги миллӣ, шомил нагардидан ба ҳизбу ҳаракатҳои экстремистӣ-террористӣ мавриди баррасӣ қарор гирифт.

# ҚАЗОҚИСТОН БА ТОҶИКИСТОН ГӮШТ ФИРИСТОД

**Қазоқистон ба Тоҷикистон аввалин маротиба 16 тонна гӯшт ирсол кард.**

Дар ин бора хабаргузории El.kz бо истинод ба Вазорати кишоварзии Қазоқистон иттилоъ медиҳад.

Қаблан миёни ширкатҳои Қазоқистон ва Тоҷикистон барои содироти 110 тонна гӯшт барои як сол шартнома ба имзо расида буд. Инак, моҳи сентябр амалкард дар доираи шартномаи мазкур оғоз ёфт.

Аммо моҳҳои охир гарон шудани нархи гӯшт дар Тоҷикистон нигаронии ҷомеаро ба вуҷуд овардааст. Омилҳои онро мақомоти кишвар гуногун шарҳ медиҳад: қимати хӯроки чорво, афзоиши талаботи аҳолӣ... Ҳоло 1 кг гӯшт дар бозор аз 90 сомонӣ боло ва дар марказҳои тиҷоратӣ 110-120 сомонӣ аст.



# ОЛИМИ ТОҶИК СОҲИБИ ҶОИЗАИ «СИТОРАҲОИ ИТТИҲОД» ШУД

**Давлат Солиҳзода, профессори факултети физикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон соҳиби Ҷоизаи байнидавлатии «Ситораҳои Иттиҳод» шуд.**

Маросими тақдими ҷоизаи мазкур 17-уми сентябр дар шаҳри Уфаи Русия зимни Форуми XV зиёиёни эҷодкор ва илмии кишварҳои узви ИДМ баргузор гардид.

Номбурда дар номинатсияи «Барои саҳмгузорӣ дар рушди илм ва дастовардҳои барҷаста дар соҳаи илму маориф дар соли 2023» ин ҷоизаро ба даст овардааст.

Бояд гуфт, ки Ҷоизаи байнидавлатии «Ситораҳои Иттиҳод» барои олимони соҳаҳои гуногун муайян шудааст. Ҷоиза аз ҷониби Шӯрои ҳамкориҳои башардӯстонаи ИДМ ва Хазинаи байнидавлатии ҳамкориҳои башардӯстонаи кишварҳои узви ИДМ дар соли 2009 таъсис ёфтааст. Он ҳамасола ба намояндагони давлатҳои ИДМ барои муваффақиятҳои назаррас дар соҳаҳои мухталиф, ки ба сатҳи дастовардҳои ҷаҳонӣ мувофиқ аст ва дар рушди ҳар як кишвари узви ИДМ саҳм гузоштааст, дода мешавад.

Дар солҳои мавҷудияти ин ҷоиза зиёда аз 100 нафар олимон ва санъаткорони мамлакатҳои Иттиҳод ба гирифтани он сазовор гардидаанд.

## САРИ САБЗ



**Муҳаммад ҚУЛНАЗАРОВ,**
**омӯзгори равияи рассомӣ**

**- Вақте назди рассом пур аз коғази бекора гардад, утоке, ки дар он даҳҳо шогирд нозукиҳои расм кашиданро аз худ мекунанд, ба чӣ ҳол меафтад? Барои тоза нигоҳ доштани синфхона аз ҳама коғазпораҳои бекора, сохтани гулдон беҳтарин идея буд.**

*- Ҳоло ба расмкашӣ тавaҷҷуҳ кардани даҳҳо шогирд афсона менамояд, вале солҳои пеш мисли нафароне, ки оҳанпора ҷамъ мекунанд, маъракаҳои коғазпора ҷамъ кардан аз мактабҳо роиҷ буд...*



**Замира ЭРМАТОВА,**
**таррохи куртаҳои замонавӣ**

**- Агар арӯс то замони тайёр шудани куртаи рӯзи хурсандиаш каме фарбеҳ ё хароб шуда бошад, онро аз нав мувофиқ кардан лозим меояд. То даме, ки пироҳани идеалӣ омода мешавад, вақту қуввати зиёде сарф мекунем.**

*- Илоҷи ин кор осон ку! Бинед, кадоме, ки фарбеҳ шуд, пули хизматрасониятонро афзоиш диҳед. Ё пули талабкардаатонро медиҳад, ё аз шавҳар кардан даст мекашад.*



**Наимҷони САЙДАЛӢ,**
**сарояндаи маъруфи тоҷик**

**- То соли 2022 дар “Ютуб” аз ҳисоби тамошои наворҳоямон фоидаи моддӣ ба даст меовардем ва ин ба мо имкон медод, ки ба сабту таҳияи барномаҳои гуногун машғул шавем, вале чун дигар фоида нест, ҳаракатамон низ кам шудааст.**

*- Корҳои фоидаовар дар дунё зиёданд, масалан парвариши чорво ва фурӯхтану пул кардани он. Аммо агар шавқатон ба таҳияи барномаҳо беҳад зиёд бошад, метавонед рӯ ба дигар шабакаҳои иҷтимоӣ оред.*



# ҶАЛБИ ОЛМОН БА СОХТМОНИ “РОҒУН”

## Мулоқоти Эмомалӣ Раҳмон бо Олаф Шолтс бо чӣ анҷомид?

**Дар шаҳри Остонаи Қазоқистон Нишасти дуюми сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ ва Олмон баргузор гардид.**

Дар ҳошияи ин нишаст Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон бо Канслери федералии Олмон Олаф Шолтс мулоқот дошт.

Олаф Шолтс бори аввал ба Осиёи Марказӣ сафар кард ва аввал ба Ӯзбекистон ва баъдан ба Қазоқистон рафт. Бо ин кишварҳо чанд ҳуҷҷати муҳимро низ ба имзо расонд.

### Олмон манфиатдори ҳамкорӣ

Олаф Шолтс дар мулокот бо Эмомалӣ Раҳмон изҳор дошт, ки Олмон ба ҳамкорӣ бо Тоҷикистон дар бахшҳои энергетика, аз ҷумла гидоэнергетика ва дигар манбаъҳои неруи “сабз”, саноати кӯҳӣ, ҳифзи муҳити зист ва дар масоили амниятӣ манфиатдор аст.

“Мо ширкатҳои дорои нуфузи ҷаҳонии Олмонро ба ҳамкорӣ бо Тоҷикистон ташвиқ менамоем”,- таъкид намуд Олаф Шолтс.

Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар суҳбат бо Олаф Шолтс ба саҳми назарраси Ҷамъияти олмонии ҳамкории байналмилалӣ (GIZ) ва Бонки олмонии рушд (KfW) дар татбиқи стратегияҳои милии Тоҷикистон таъкид намудааст.

Ҳамчунин, ҷонибҳо оид ба идомаи ҳамкории босамар дар соҳаҳои иқтисоду тиҷорат, саноат, гидроэнергетика, энергияи офтобӣ ва бодӣ, нақлиёт ва кишоварзӣ ва ҷалби Олмон барои сохтмони НБО-и “Роғун” изҳори ҳавасмандӣ намудаанд.

### Нақши Олмон дар рушди Тоҷикистон

Бояд гуфт, ки Олмон ҳамчун яке аз кишварҳои пешрафтаи Аврупо дар рушди иқтисоди Тоҷикистон низ нақш дорад. Тоҷикистон дар қатори дигар кишварҳо аз Олмон технологияи навро барои фаъолият дар соҳаҳои тандурустӣ ва саноат ворид менамояд. Ин кишвар дар рушди энергетикаи мо ҳам саҳм дорад. То кунун байни Тоҷикистон ва Олмон беш аз 40 санади дуҷониба ба имзо расидаанд. Аз ин теъдод 31 санадро созишномаҳои байниҳукуматӣ, 10 созишномаҳои байниидоравӣ ва 1 изҳороти муштарак ташкил медиҳанд.

Аз ҷумла, моҳи июни соли ҷорӣ Созишнома доир ба содагардонии савдо байни Вазорати рушди иқтисод ва савдои Тоҷикистон ва Ҷамъияти ҳамкории байналмилалии Олмон ба имзо расид. Созишномаро вазири рушди иқтисод ва савдои Тоҷикистон Завқӣ Завқизода ва директори Ҷамъияти ҳамкории байналмилалии Олмон (GIZ) Сабина Олтхоф имзо гузоштанд.

Тавре аз Вазорати рушди иқтисод шарҳ доданд, санад бо мақсади содагардонии расмиёти савдо ва транзит, бозомӯзии кормандони соҳа, баргузории чорабиниҳои озмоишӣ-инноватсионӣ доир ба содагардонии расмиёти савдо пешбинӣ шудааст. Инчунин, он иштироки бахши хусусӣ дар раванди қабули қарорҳо вобаста ба содагардонии расмиёти савдоро ба танзим медарорад.

Созишномаи мазкур аҳамияти минтақавӣ низ дорад. Маблағи умумии он 6,5 миллион евроро ташкил медиҳад. Ин созишнома 5 кишвари Осиёи Миёна - Тоҷикистон, Ӯзбекистон, Қазоқистон, Қирғизистон ва Туркманистонро дар бар мегирад.

Татбиқи лоиҳа оид ба содагардонии расмиёти савдо дар Тоҷикистон барои 3 сол, яъне солҳои 2024-2026 татбиқ мегардад.

### 44,4 миллион евро барои НБО-и «Себзор»

Бахши дигари назаррас дар Тоҷикистон бо саҳми Олмон соҳаи энергетика мебошад. Моҳи июли соли ҷорӣ аз ҷониби Бонки олмонии рушд 44,4 миллион евро грант барои сохтмони Нерӯгоҳи барқи обии «Себзор» ҷудо гардидааст. Дар доираи ин грант байни Вазорати рушди иқтисод ва савдои Тоҷикистон ва Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Помир Энерҷӣ» Созишнома оид ба интиқоли маблағи грантӣ барои сохтмони Нерӯгоҳи барқи обии «Себзор» ба имзо расид. Ҳоло нерӯгоҳи барқи обии «Себзор» дар ноҳияи Рошткалъа бунёд шуда истодааст.

Мутахассисони соҳа ба ин назаранд, ки нерӯгоҳ барои беҳтар намудани таъмини неруи барқ дар қаламрави ВМКБ ва барои саноатикунонӣ дар минтақа мусоидат менамояд.

### Сармояи Олмон ба Тоҷикистон

Таваҷҷуҳи сармоягузорони Олмон низ ба Тоҷикистон зиёд аст. Зеро дар Тоҷикистон барои сармоягузорони хориҷӣ имтиёзҳои зиёд пешбинӣ шудааст. Ҳамин аст, ки моҳи сентябри соли гузашта як ҳайати сармоягузорон аз Олмон ба Душанбе омада буданд. Ин ҳайатро раиси Кумитаи шарқии иқтисодии Олмон Михаел Ҳармс намояндагӣ дошт. Онҳо бо роҳбарони блоки иқтисодии кишвар мулоқот намуда, ҳавасмандии худро барои ҳамкории ояндa ҷиҳати таъсиси корхонаҳои муштарак баён намуданд.

Бино ба маълумоти оморӣ, ҳаҷми гардиши савдои хориҷии Тоҷикистон бо Олмон дар моҳҳои январ-июни соли 2023-юм 93,9 млн долларро ташкил додааст. Нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 50 млн доллар ё 2,1 маротиба афзоиш ёфтааст. Ҳаҷми тиҷорати дуҷониба байни Тоҷикистон ва Олмон дар соли 2022 бошад, 114 миллион долларро ташкил додааст. Аммо ба андешаи коршиносон, бо назардошти захираву имкониятҳо ҷонибҳо метавонанд ин нишондиҳандаро боз ҳам баланд бардоранд.

Ҳоло Тоҷикистон ба як қатор кишварҳо низоми бераводид ҷорӣ намудааст. Аз ҷумла, барои Олмон низоми якҷонибаи бераводид роҳандозӣ гарида, шаҳрвандони ин кишвар метавонанд ба муҳлати то 30 рӯз бе ягон мушкилӣ будубош дошта бошанд.

Дар соҳаи маориф низ ҳамкории ду кишвар судманд арзёбӣ мегардад. Омӯзиши забони олмонӣ дар муассисаҳои таълимии миёна ва олӣ дар Тоҷикистон, таҳсили беш аз 200 нафар шаҳрвандони кишвар дар макотиби олии Олмон далели ин гуфтаҳост.

**Усмон РАҲИМЗОДА**



**Аз 11 то 17-уми сентябр дар шаҳри Ботканди Қирғизистон воҳӯрии навбатии ҳайатҳои топографӣ ва аломатгузории марзи Тоҷикистону Қирғизистон сурат гирифт.**

“Дар доираи воҳӯрӣ ҷонибҳо муҳокимаро идома дода, оид ба тавсифи минтақаҳои боқимондаи хати сарҳади давлатии Тоҷикистону Қирғизистон табодули пешниҳодҳо намуданд”,- менависад “Ховар”.

Ёдовар мешавем, ки дарозии умумии сарҳади Тоҷикистон ва Қирғизистон тақрибан 980 километрро ташкил медиҳад. Гуфта мешавад, ки беш аз 90%-и хати марз дақиқ ва аломатгузорӣ шудааст.



**Зимни мулоқоти намояндагони КВД “Тоҷикаэронавигатсия” ва роҳбарияти КВД Маркази “Узаэронавигатсия” Протоколи масъалаҳои баррасишуда ва Созишнома оид ба тартиботи ҳамкории минтақаи хизматрасонии ҳаракати ҳавоии Душанбе ва Тошканд ба имзо расид.**

Гуфта мешавад, ҷонибҳо дар воҳӯрӣ инчунин масоили техникии долонҳои навро, ки аз ҳудуди Ӯзбекистон оғоз гардида, дар ҳудуди Тоҷикистон дар нуқтаи “AGVUT” анҷом меёбад, мавриди баррасӣ қарор доданд. Ба иттилои манбаъ, долони нави ҳавоӣ аз ҷиҳати сарфаи вақт ва сӯзишворӣ барои истифодабарандагон муфид мебошад.



**Дар соҳили Сирдарё дар Хуҷанд макони нави истироҳатию фароғатӣ бунёд мешавад. Бо ҷараёни корҳо раиси Суғд Раҷаббой Аҳмадзода шинос шуд.**

- Аз пули кӯҳна то пули "Ҷашнӣ" бо дарозии 2 км ва паҳноии 8 метр роҳи пиёдагард ва макони истироҳативу фароғатӣ фароҳам мешавад,- иттилоъ дод мақомоти вилоят. Аҳмадзода барои харҷи зудтар ба охир расонидани корҳо, бо тарҳу ороиши хос омода намудани нишастгоҳу суҳбаткадаҳо супоришҳо дод.

# ПЕШНИҲОДИ ДӮСТУМ БАРОИ ТАШКИЛИ ҲУКУМАТ

**Маршал Абдурашид Дӯстум, ҷанголори ӯзбектабор ва муовини собиқи президент дар низоми ҷумҳурият дар Афғонистон хостори ташкили як ҳукумат дар берун аз ин кишвар шуд.**



Дӯстум 15-уми сентябр дар нишасти Шӯрои олии муқовимат барои наҷоти Афғонистон дар Туркия пешниҳод кард, ки ҳукумати баробар бо ҳукумати “Толибон” ташкил шавад. Ӯ гуфт, ки бар зидди ин гурӯҳи тундрав мубориза мекунад ва муддаӣ шуд, ки метавонанд ҳукумати “Толибон”-ро шикаст диҳанд.

“Толибон” то кунун дар мавриди ин изҳороти Дӯстум вокуниш накардаанд. Дустум соли 2023 гуфта буд, ки ҷангиёни ӯ омода ҳастанд зидди Толибон биҷанганд.

Дӯстум гуфтааст, раҳбари ин ҳукумат бояд фарде бошад, ки тавонад дар муқобили Ҳайбатуллоҳ Охундзода, раҳбари олии Толибон истодагарӣ кунад. Аммо мушаххас аз касе ном набурдааст.

Маршал Дӯстум дар ин нишаст аз гурӯҳхо ва чеҳраҳои сиёсӣ, ки мухолифи Толибон ҳастанд, хостааст, ки ҳама муттаҳид шаванд ва ба як тавофуқи сиёсӣ бирасанд.

Вай бо ишора ба ихтилофот байни гурӯҳҳо ва чеҳраҳои сиёсии дар хориҷа паноҳбурдаи Афғонистон гуфтааст, “бояд аз таърих омӯзем, аз гузаштаҳо ибрат гирем. Дигар он хатоҳоро такрор накунем. Якдигарро бипазирем. Ҳама қабул кунем, ки дар гузашта сиёсати мо нодуруст буд”.



ISNA

**Раисҷумҳури Эрон Масъуд Пизишкиён моҳи октябри имсол барои ширкат дар нишасти БРИКС ба Русия меравад. Ба ҳайати БРИКС Русия, Эрон, Бразилия, Чин, Ҳиндустон ва Африқои Ҷанубӣ шомил ҳастанд.**

Ин хабар дар ҳоле нашр шуд, ки равобити низомии Теҳрон ва Маскав, бахусус интиқоли мушакҳои эронӣ ба Русия кишварҳои ғарбиро нигарон кардааст. Ахиран ИМА ва се кишвари аврупоӣ алайҳи Эрон таҳримҳои нав ҷорӣ карданд. Пизишкиён интиқоли аслиҳаро ба Русия рад мекунад.



REUTERS

**Пулиси федеролии Амрико хабар дод, ки аз сӯиқасд ба ҷони Доналд Трамп дар майдони голф дар Вест Палм Бич, дар иёлоти Флорида ҷилавгирӣ кардаанд.**

Гуфта мешавад, ки пулис марди мусалламро дар наздикии майдони голф тирандозӣ кард. Ин мардро чандсад метр дуртар аз майдони бозии Трамп дидаанд. Пас аз тирандозии афсарон, гумонбар дар ҷои ҳодиса як силоҳи худкори Калашников АК-47 ва дигар ашёро гузошта, савори мошин фирор кард ва сипас дастгир шуд. 2 моҳ қабл низ дар Пенсилвания ба Трамп сӯиқасд сурат гирифта буд.



AP

**СММ эълон кард, ки Толибон маъракаи ваксинаҳанӣ бар зидди фалаҷи кӯдаконро дар Афғонистон мутаваққиф кардаанд.**

Ин дар ҳолест, ки идораҳои СММ ният доштанд дар моҳи ҷорӣ як даври нави маъракаи ваксинаҳанӣ зидди фалаҷи атфолро дар Афғонистон оғоз кунанд. Сабаби манъи ин маърака маълум нест ва Толибон низ то кунун дар ин бора маълумоте ироа накардаанд. Афғонистон ва Покистон ду кишваре ҳастанд, ки фалаҷи кӯдакон дар онҳо ҳанӯз решакан нашудааст.

# ТОҶИКОН БЕШТАР РУСИЯРО ИНТИХОБ МЕКУНАНД

РБК

**Дар Русия миёни муҳоҷирон аз ҳама бештар шаҳрвандони Тоҷикистон зиндагӣ дар ин кишварро ихтиёр мекунанд. Дар ин бора РБК бо истинод ба сомонаи иҷтимоӣ-демографии муҳоҷирон, ки Росстат (ниҳоди омори Русия) омода кардааст, хабар медиҳад.**

Дар соли 2023 аз шумораи муҳоҷироне, ки барои зиндагӣ дар Русия боқӣ мондаанд, 31%-и онҳоро шаҳрвандони Тоҷикистон ташкил медиҳад.

Дар ҷойи дуюм Қирғизистон бо 10% ва дар ҷойи сеюм Украина, Арманистон ва Қазоқистон бо 9-дарсадӣ қарор доранд.

Мувофиқи ин таҳқиқот аз шумораи муҳоҷироне, ки Русияро ҳамчун макони зиндагӣ интихоб мекунанд, 55% мард, 76% қобили меҳнат ва 51,4%-и онҳо оиладор мебошанд. 39,4 дарсади онҳо дорои маълумоти миёнаи пурра мебошанд.

Миёни шаҳрвандони Осиёи Марказӣ тоҷикистониён дар гирифтани шаҳрвандии Русия пешсафанд.



Тибқи оморҳои расмии мақомоти Русия соли 2022-юм 173 ҳазору 634 нафар тоҷикистониён шаҳрвандии Русияро гирифтаанд.

Соли 2021 бошад, 103 ҳазору 681 нафар шаҳрвандони Тоҷикистон соҳиби шиносномаи Русия гардидаанд.

## Медведев:
# САБРИ РУСИЯ ҲАМ ҲАД ДОРАД!

РИА НОВОСТИ

**Мақомоти Русия таҳдид мекунанд, ки агар кишварҳои ғарбӣ ба Украина иҷозат диҳанд, ки бо мушакҳои дурпарвоз ба хоки ин кишвар ҳамла кунад, эҳтимол барои посух бомбаи атомӣ истифода шавад.**



Дмитрий Медведев, президенти собиқи Русия, ки ҳоло раиси Шӯрои амнияти ин кишвар аст, рӯзи 14-уми сентябр дар саҳифаи Телеграмаш гуфт, агар бо мушакҳои дурпарвоз ҳамла шавад, дар посух Киев ба “хокистар” табдил хоҳад ёфт.

Ӯ гуфтааст, ки кишвараш хоҳони истифода аз силоҳи ҳастаӣ нест, вале сабри Русия ҳам ҳад дорад. Ду сол пеш низ Медведев аз эҳтимоли истифодаи силоҳи ҳастаӣ ҳушдор дода буд.

Расонаҳои ғарбӣ навиштанд, ки Амрико ва Британиё ба Украина иҷоза медиҳанд, ки бо мушакҳои дурпарвоз ба хоки Русия ҳамла кунад. Ҳанӯз расман ин кишварҳо чунин иҷозаеро надодаанд, вале ин мавзӯъ дар дохили Русия сарусадои зиёдеро ба бор овард ва ҳатто Владимир Путин, президенти ин кишвар низ ба он вокуниш кард.

## Зеленский:
# КУМАКИ НИЗОМИРО СУРЪАТ БАХШЕД!

BBC

**Артиши Украина хабар дод, ки субҳи душанбеи 16-уми сентябр қариб 20 бесарнишин ё дронҳои русиро дар осмон нобуд кардааст. Ба қавли мақомоти украинӣ, ин паҳподҳо шаҳри Киевро ҳадаф гирифта буданд.**



Президенти Украина Владимир Зеленский аз муттаҳидони ғарбиаш хост, ки фиристодани кумакҳои низомӣ ба Киевро суръат бахшанд.

Владимир Зеленский рӯзи шанбеи 14-уми сентябр дар паёми видеоӣ ба гуфтушуниди кишварҳои ғарбӣ, бар сари ирсоли аслиҳа ба Украина ишора кард.

Зеленский ин кумакҳоро барои кишвараш “ҳаётӣ” хонд ва гуфт, ки ҳаргуна таъхир ё дермонӣ дар фиристодани кумакҳои низомӣ ба ҳати аввали ҷанг таъсири манфӣ мерасонад.

Киев мегӯяд, бояд ба ҳадафхое дар дохили Русия зарба занад, вале кишварҳои ғарбӣ, аз ҷумла ИМА ҳанӯз ба истифодаи мушакҳои дурпарвоз барои зарба задан ба дохили Русия иҷоза надодаанд.

# ДОЛОНҲОИ ОЯНДАИ РАВШАН

## Оё Тоҷикистон тавони ба як маркази тиҷоратию нақлиётии байналмилалӣ табдил ёфтанро дорад?

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар нишасти сарони кишварҳои узви Созмони ҳамкориҳои Шанхай дар шаҳри Остона аз шарикон ва нозирони созмони мазкур даъват ба амал овард, ки ба созишнома оид ба фароҳам овардани шароити мусоид барои ҳамлу нақли байналмилалии автомобилӣ ҳамроҳ шаванд.**



Вай ҳамчунин таъкид намуд, ки Тоҷикистон саъй дорад тавассути тавсеаи долонҳои байналмилалии нақлиётӣ аз шарқ ба ғарб ва аз шимол ба ҷануб ба як минтақаи мувофиқи транзитӣ табдил ёбад. Оё метавон гуфт, ки рушди соҳаи транзит яке аз самтҳои афзалиятноки Тоҷикистон аст? Пойгоҳи "Сангар" ин мавзӯъро пайгирӣ кардааст.



*Фаридун Усмонов*

Тоҷикистон ва Туркманистон дар доираи созишномаи СҲШ шартҳои ҳамлу нақли борро сода карданд: акнун барои ҳамлу нақлкунандагони тоҷик мӯҳлати будубош дар терминали гумрукии Туркманбошӣ ба ҷои 5 рӯзи қаблӣ то 60 рӯз тамдид шудааст.

### ДАР ДОИРАИ СҲШ

Созишнома оид ба фароҳам овардани шароити мусоид бахри ҳамлу нақли байналмилалӣ байни кишварҳои узви СҲШ соли 2014 бо мақсади рафъи монеаҳо дар роҳи ҳамлу нақл, инчунин, сода кардани қоидаву расмиёт тахия шуда буд, ки моҳи сентябри соли 2014 дар нишасти сарони СҲШ дар Душанбе ба имзо расида буд.

Коршиноси масоили Осиёи Марказӣ Фаридун Усмонов мегӯяд: "Пешниҳоди пайвастани аъзои нави СҲШ ва шарикони он ба ин созишнома бешубҳа ба он нигаронида шудааст, ки тамоми кишварҳои ин созмон ба қоидаи ягона риоя кунанд. Мутобиқи ин созишнома ҳамлу нақли кишварҳои узви СҲШ дар асоси мутақобила аз пардохти бочи соҳибӣ ё истифодаи воситаҳои нақлиёт, инчунин, нигоҳубини роҳҳо дар кишвари дигар озод карда мешаванд. Ин амалан хароҷотро коҳиш дода, барои ҳамлу нақлкунандагони кишварҳои СҲШ дастрасии озодтарро ба бозори ин кишварҳо таъмин месозад ва фаъолияти онҳоро осон мекунад.

Бо зиёд шудани аъзои СҲШ (Ҳиндустон, Покистон, Эрон) доираи фарогирии он низ васеъ гардидааст. Аз ин рӯ, зарурати тасвиби созишнома аз ҷониби ин давлатҳо низ ба миён омадааст, зеро ин ба онҳо имкон медиҳад, ки бо шартҳои баробар дар қаламрави 10 кишвари аъзои Созмон амал кунанд.

Ин гуна созишномаҳо ба ҳамлкунандагони тоҷик барои дар қаламрави Ҳиндустон, Покистон ва Эрон бо харҷи камтарин амал кардан ва осон кардани интиқоли борҳо имконият фароҳам меорад. Соҳибкорони мо имрӯз бо тавсеа додани имкониятҳои худ, инчунин, зиёд кардани ҳаҷми ҳамлу нақли бор ба бозорҳои барои онҳо ошно ва дерина, аз ҷумла бозорҳои Федератсияи Русия, Қазоқистон, Ӯзбекистон машғуланд. Ҳамзамон қисман бо Афғонистон ва Покистон ҳамкорӣ мекунем, аммо албатта, барои дастрасӣ ёфтан ба бозорҳои калонтар бояд имконият ва иқтидори корхонаҳои нақлиётро такмил диҳем. Ташаббуси Тоҷикистон пеш аз ҳама барои ба низом даровардани заминаи ҳуқуқӣ дар доираи СҲШ бо мақсади фароҳам овардани имконият барои инкишоф ва ба бозорҳои кишварҳои СҲШ дастрасӣ пайдо кардани ширкатҳои мо равона карда шудааст".

### БИСЁР КОРҲО АНҶОМ ДОДА ШУДАНД

Вобаста ба суханони Президенти Тоҷикистон дар бораи кӯшишҳои табдил додани ҷумҳурӣ ба як маркази транзитӣ суоле ба миён меояд, ки кишвари мо то куҷо дар ин самт пеш меравад ва чӣ ба ин мусоидат мекунад?

Ба андешаи коршинос Фаридун Усмонов, рушди соҳаи транзит дар баробари амнияти энергетикӣ вазифаи авлавиятноки роҳбарияти кишвари мо ба ҳисоб рафта, ба ин соҳа тайи 30 соли охир дар Тоҷикистон ҷиҳати таъмини истиқлолияти нақлиётӣ корҳои зиёде анҷом дода шудааст: "Роҳҳо дар инфрасохтори нақлиётии Тоҷикистон нақши махсус мебозанд. Бояд ба назар гирифт, ки зиёда аз 93 фоизи қаламрави кишвари моро кӯҳҳо ташкил медиҳанд, ки ин алоқаи нақлиётии байни ноҳияҳоро душвор мегардонад. Ҳамин тариқ, то солҳои навадум ҳаракати нақлиёти автомобилӣ аз маркази Тоҷикистон ба қисмати шимолӣ дар фасли зимистон ба далели баста шудани ағбаҳои Анзоб ва Шаҳристон ва набуди роҳи дигар дар қаламрави ҷумҳурӣ пурра қатъ мешуд. Айнан ҳамин тавр, ба ВМКБ ҳамлу нақли бор аз шаҳри Душанбе танҳо дар фасли тобистон сурат мегирифт, дар фасли зимистон бошад, аз шаҳри Уши Қирғизистон бор оварда мешуд, зеро роҳи Душанбе-Хоруғ давоми 6-7 моҳ баста мегардид.

Тақрибан 95% ҳамлу нақли бор дар Тоҷикистон тавассути роҳҳои автомобилгард сурат мегирад.

То соли 2010 тақрибан 80 дарсади роҳҳои Тоҷикистон дар ҳолати фарсудагӣ қарор доштанд, аммо ба шарофати кӯшишу талошҳои роҳбарияти Тоҷикистон дар 20 соли охир қисми зиёди роҳҳо тармим ва нақбҳои нав сохта шудаанд, ки тавассути онҳо тамоми сол алоқаи нақлиётӣ байни тамоми минтақаҳои кишварамон таъмин карда мешавад.

Ҳамзамон рушди фаъоли роҳҳои автомобилгарди байналмилалӣ ва пайвастшавии Тоҷикистон ба долонҳои байналмилалии нақлиётӣ оғоз ёфт, ки он ба баланд бардоштани самаранокии ҳамлу нақли тиҷоратӣ ва транзитӣ мусоидат намуда, амнияти иқтисодии давлати моро таъмин месозад. Тоҷикистон дар шабакаи роҳҳои мошингарди осиёӣ ҷойгир буда, бо 4 кишвар - Ӯзбекистон, Қирғизистон, Афғонистон ва Чин ҳамсарҳад аст. Қад-кади марзи Тоҷикистон 24 гузаргоҳи марзӣ мавҷуд буда, аз он 17-тоаш дар марз бо Ӯзбекистон, 5-тоаш дар марз бо Қирғизистон, 4-тоаш дар марз бо Афғонистон ва 1-то дар марз бо Чин воқеъ аст. Солҳои охир Тоҷикистон ба рушди долонҳои байналмилалии нақлиётӣ, баланд бардоштани сифати роҳҳо бо мақсади таъмини алоқаи нақлиётӣ байни кишварҳои ИДМ ва шимоли Афғонистон, Покистон, Ҳиндустон, инчунин, бо кишварҳои Халиҷи Форс, Хитой ва мамлакатҳои Осиёи Ҷанубӣ тамаркуз мекунад. Ҳамлу нақли байналмилалии молҳо асосан аз 11 гузаргоҳ гузашта, дар онҷо тафтиш ва ба қайд гирифта мешавад. Дар айни замон дар интиқоли мол нақлиёти кишварҳои ҳамсоя бартарӣ дорад.

Аз ин рӯ, натиҷаи кӯшишҳои Ҳукумати Тоҷикистон ба назар мерасанд. Масалан, дар раддабандии ахири Форуми ҷаҳонии иқтисодӣ оид ба сифати роҳҳо Тоҷикистон дар байни 141 кишвари ҷаҳон мақоми 50-умро ишғол намуд ва дар байни кишварҳои Осиёи Марказӣ беҳтарин дониста шуда, аз кишварҳои ҳамсоя хеле пеш гузашт: масалан, Қазоқистон дар ин раддабандӣ дар ҷои 93-юм, Қирғизистон дар ҷои 113-ум қарор доранд. Дар ин самт дар Тоҷикистон корҳои зиёд анҷом дода шуд: зиёда аз 2400 километр роҳ ва 274 пул барқарор ва таъмир карда шуда, 7 нақби нави нақлиётӣ сохта шуд.

(Давомаш дар саҳ.7)



**Дар Душанбе аз 1-уми сентябр шумораи нақлиёти ҷамъиятӣ 20% зиёд карда шуд. Дар ин бора корхонаи "Душанбенақлиётхадамотрасон" хабар медиҳад.**

"То ҳол дар роҳҳои шаҳр 305 автобус равуо дошта, аз 1-уми сентябр шумори онҳо ба 375 адад расонида шуд. Мутаносибан шумораи троллейбусҳо аз 55 адад то 75 адад зиёд гардид",- хабар додааст манбаъ. Ҳамчунин, гуфта мешавад, ки шумораи микроавтобусҳо (маршруткаҳо) низ 100 адад зиёд шуда, ба 1050 адад расонида шуд.



**Русия ва Тоҷикистон сохтмони боз панҷ мактаби дигари русӣ-тоҷикӣ дар қаламрави Тоҷикистонро ба баррасӣ гирифтаанд. Қарор аст ин мактабҳо то соли хониши 2030 ба истифода дода шаванд.**

Гуфта мешавад, ки сохтмони ин мактабҳо дар идомаи ташаббуси мактабҳои ҷадиди русӣ - тоҷикӣ, ки соли 2022 ифтитоҳ гардиданд, сурат хоҳад гирифт. Қаблан бо сармояи Русия панҷ мактаб дар шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд, Кӯлоб, Бохтар ва Турсунзода сохта ва мавриди истифода қарор дода шуданд.



**Қазоқистон дар моҳҳои январ-августи соли ҷорӣ ба кишварҳои Осиёи Марказӣ 2,5 миллион тонна ғалла содир кардааст. Ӯзбекистон бо харидории 1,8 миллион тонна, бузургтарин воридкунандаи ғаллаи Қазоқистон шуд.**

Дар ин муддат 600 ҳазор тонна ба Тоҷикистон ва 100 ҳазор тонна ба Туркманистону Қирғизистон содирот шудааст. «Дар 12 рӯзи моҳи сентябр ба кишварҳои Осиёи Марказӣ 132 ҳазор тонна интиқол дода шуд, ки ин нисбат ба моҳи сентябри соли 2023-юм 2,5 маротиба бештар аст",- хабар медиҳад "Роҳи оҳани Қазоқистон".



## НОМАИ ОМӮЗГОР

# БА ДОДИ МАН КӢ МЕРСАД?

**Намози шом мешавад, ҳама ба хонаи худ равон аст. Ману набераҳоям, ки хона надорем, куҷо равем?!**

Маҷидов Абдулҳамид ном дорам. Синнам ба 76 расидааст. Муаллими забон ва адабиёти тоҷикаму ҳоло ба синфҳои 7-8 аз фанни алифбои ниёгон дарс мегӯям. Фикр мекунам муаллими бад набудаму нестам. Чанд шогирдам ба дараҷаи доктору номзади илм ҳам расидаанд.

Соли 1998 дар озмуни “Муаллими сол”-и ҷумҳурӣ дар шаҳри Исфара ширкат доштам. Аълочии маориф ва матбуоти тоҷик, аввалин ғолиби озмуни “Ахтари маориф”-и вилояти Хатлон шудам. Аз соли 2011 узви Иттифоқи рӯзноманигорони Тоҷикистон ҳастам. 5 сол муҳаррири нашрияи ноҳиявии “Гулистон” будам.

Дар китобхонаи шахсиям анқариб 7 ҳазор бо забони тоҷикиву русӣ китоб дорам. Китобҳоям аз бехонагӣ дар ду синфхонаи мактаби №10 ҷой доранд. Шояд ҳазор мақола навишта бошам, ки дар нашрияҳои даврӣ чоп шудаанд. Дар шабакаҳои интернетӣ ба душманони Тоҷикистон вокуниш додаам. Атрофи ҳамаи Паёмҳои Президент андешаҳоямро маҳз барои ҷавонон навиштаам. Ҳашт сол боз узви Шӯрои ҷамъиятӣ дар ҳамкорӣ бо милитсия ҳастам. Дар мактабҳо, деҳаҳо, маркази ҷамоатҳо гурӯҳи Шӯрои мо бо ҳама қишрҳои аҳолӣ мулоқоту суҳбатҳо доштему дорем. Насиб будааст, ки бо Президенти азизамон ду маротиба аз наздик мулоқот доштам. Чанд китоб аз китобҳои нодир ба Ҷаноби Олӣ тухфа кардаам. Инро ба он хотир мегӯям, ки суҳбати Ману Президенти кишвар танҳо атрофи китобу китобхонӣ буд.

Дар аввалҳои зиндагӣ иҷоранишин будам. Муаллимӣ мекардаму ҳамсари марҳумам колхозчӣ буд. Ману ҳамсарам чанд маротиба ба колхоз ва Ҳукумат барои замини наздиҳавлигӣ ариза навиштем. Ба мо чунин ҷавоб менавиштанд: “Аз рӯйи имкониятҳо шуморо бо замини наздиҳавлигӣ таъмин мекунем”.

Солҳо сипарӣ мешуданд, лекин ҳеҷ не ки мо соҳиби замин шавем. Соли 2011 барои замини наздиҳавлигӣ пеши раиси ноҳия Ғаффор Шариф рафтам. Ман он шахсро марди бузург ҳисоб мекунам. Он кас гуфтанд, ки мувофиқи амри Президент дар заминҳои обӣ хона сохтан мумкин нест, агар ягон ҷойро донед, ман розӣ.

Гуфтам, ки сатҳи замини мактабамон (№10) хеле васеъ аст. Ҳаётамро дар таълиму тарбияи бачаҳои мардум сарф кардаам. Чӣ мешавад, ки 6 сотихашро аз як кунҷи бинои мактаб дуртар медодед? Он кас гуфтанд, ки дар замини мактаб ҳам хона кардан мумкин нест, лекин наход 6 сотих заминро давлат аз шумо боло донад. Барои ҳамин 6 сотихро аз як кунҷи аз бинои мактаб тақрибан 150 метр дуртар ҷудо карданд. Қарори маҷлиси муаллимонро гирифтам. Шуъбаи маориф ҳам розигӣ дод. Қарори раиси ноҳияро доданд. Сертификат карданд. Чанд сол қабл Кумитаи замини кишвар шаҳраки Фархорро нақшаи генералӣ кард. Ман аз ҳамон одамҳо хоҳиш кардам, ки ҳамин 6 сотих замини маро аз сатҳи замини мактаб бароранд. Дилашон ба ман сӯхту аз замини мактаб ҳамон 6 сотихро баровarданд.

Дар тӯли 15 сол мо ҳатто атрофи хонаамонро маҳкам накарда будем. Охирҳои соли 2023 Ҷаноби Олӣ дар ноҳияи Данғара бо сокинони вилояти Хатлон мулоқот доштанд. Ниҳоят гилаи сахт карданд, ки “заминҳои мактабро гирифта хона карданд, ҳатто то даромадгоҳи мактаб девор карда маҳкам карданд. Рӯ ба рӯи мактаб масҷид бунёд карданд. Ҳолати ҳамин одамҳоро санҷида бинед”. Аммо ҳолати маро на маориф, на ҳукумат насанҷид, на касе парвои ману набераҳоям дошт. Ҳамаи роҳбарони мақомоти ноҳия бо иштироки раиси ноҳия барои чаппа кардани хонаи муаллим, касе, ки Президенти кишвар муаллимонро “Хазинаи тилоии мамлакат” номида буд, омаданд. Касе фикре накард, ки хонаи муаллимро вайрон кардан чӣ маъно дорад?

**(Давомаш дар саҳ.15)**

# ПОСУХИ АСОСНОК БА ИДДАО ДАР БОРАИ РОҲИ АЛТЕРНАТИВӢ

**Аслан ягон роҳ бепул нест. Шаҳрвандон - истифодабарандагон бо роҳу василаҳои гуногун дар нигоҳдории роҳ саҳм доранд. Дар ин самт таҳким бахшидани ҳамкории давлат бо бахши хусусӣ ба манфиати кор аст. Дар заминаи ин ҳамкорӣ баҳри беҳбуд бахшидани вазъи иҷтимоӣ - иқтисодии шаҳрвандон шароит фароҳам меояд.**



Таҳкими ҳамкории давлат бо бахши хусусӣ дар самти ҷоринамоии низоми толлингии идоракунии роҳҳо яке аз роҳҳои ҳалли мушкилоти мавҷуда аст. Ҷоринамоии ин таҷриба дар дигар роҳҳои мамлакат ва дигар кишварҳои ИДМ кори муҳим махсуб мешавад.

Агар масъаларо мухтасар шарҳ диҳем, пас зикр бояд кард, ки роҳи автомобилгарди ба консессия супоридашуда - яке аз шаклҳои нигоҳдории роҳи автомобилгард махсуб мешавад, ки дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи консессияҳо» тибқи шартномаи консессионӣ бо пешниҳоди ҳуқуқи истифодаи самараноки муваққатӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (конседент) ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ё шахсони ҳуқуқии хориҷӣ (консессиядор) барои нигоҳдорӣ ва хизматрасонӣ вогузор шудааст. Роҳҳои автомобилгарди ба истилоҳ пулакӣ бо мақсади баланд бардоштани сатҳи хизматрасонӣ ба истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард, суръат бахшидан ба инкишофи шабакаҳои роҳҳои автомобилгард дар заминаи ҷалби сармояи хориҷӣ ташкил мешаванд.

Маъмулан ҳукумати кишварҳои рӯ ба рушд дар заминаи татбиқи чунин лоиҳаҳо, ки аксар маврид бо ҷалби сармояи хориҷӣ амалӣ мешавад, ҳолати роҳҳоро беҳтар менамоянд. Бояд дарк намуд, ки чунин тарзи кор (манзур ҷорӣ намудани низоми толлингии истифодаи роҳҳо аст) дар ҳар кишвар махсусияти худро дорад.

Баъзе ҳоло низ иддао мекунанд, ки бидуни мавҷудияти роҳи алтернативӣ ҷорӣ намудани низоми толлингӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи матлаб нест. Ин тоифа шояд намедонанд, ки роҳи Душанбе - Чанок аз лиҳози релефи ҷойгиршавӣ махсусияти худро дорад, ки мавҷудият ва истифодаи роҳи алтернативиро зери суол мебарад. Бояд дарк намуд, ки дар баландии зиёда аз 3000 метр аз сатҳи баҳр эъмор намудани роҳи ба истилоҳ "алтернативӣ" мантиқан ва моҳиятан зери суол аст. Дар он сурат барои мавҷудияти роҳи пулакӣ чӣ зарурат мемонад?

Сониян, бунёди роҳи алтернативӣ, хоса масири Душанбе - Чанок, ки аз минтақаи релефаш душвори кӯҳистон мегузарад, кори саҳлу сода нест. Муҳимтар аз ҳама, нигоҳдории роҳи "алтернативӣ" низ хароҷоти бениҳоят зиёд дошта, сарбории масрафи маблағҳои буҷавиро зиёдтар менамояд. Мантиқан пулакӣ шудани роҳ низ ба хотири сарфа намудани маблағҳои Буҷети давлат ва минбаъд равона намудани он ба самтҳои дигар, аз ҷумла пардохти қарз амалӣ шудааст.

Ба ибораи дигар, дар заминаи шарикии Давлат ва бахши хусусӣ ин вазифа (нигоҳдории роҳ) ба зиммаи дуюмӣ вогузор гардид. Мисоли дигар, дар Федератсияи Россия роҳи Москва - Санкт Петербургро, ки роҳи алетернативӣ дошт, пулакӣ карданд. Гузашти вақт нишон дод, ки аз роҳи алтернативӣ, яъне бепул хеле кам истифода мешавад. Аз тарафи дигар, бо истифодаи роҳи алтернативӣ шаҳрвандон бо назардошти хароҷоти сӯзишворӣ, фарсудашавии автомобил ва ғайра бо мақоли халқии “хасис ду маротиба пардохт мекунад” “татбиқ” менамоянд.

Лозим ба ёдоварист, ки дар Ҷумҳурии Беларус, ки аввалин шуда дар миёни давлатҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ин низомро ҷорӣ намуда буд, айнан ҳамон ҳолате ба миён омад, ки солҳои аввали фаъолият роҳбарият ба кормандони IRS ба он мувоҷеҳ буданд. Мардум то андозае норозӣ буданд. Табиист, ки марҳилаҳои аввали ислоҳот ва амалигардонии чунин лоиҳаҳо мушкилот, ба монанди норозигии шахсони алоҳида, ки асосан манфиатҳои шахсиашонро аз манфиатҳои ҷомеа боло мегузоранд, ба миён меояд. Бо мурури вақт ин низом натиҷаҳои мусбат ба бор оварду мардум низ муътақид гардиданд, ки қисмати аъзами пули пардохтнамудаашон барои дар ҳолати хуб нигоҳ доштани роҳ ва боқимонда барои ташкили инфрасохтори нигоҳдории он ва харидории техникаву механизмҳои пуриқтидори замонавӣ харҷ мешавад.

Дар кишвари мо низ солҳои аввали ҷоришавӣ ин иқдом бо бархӯрд ва дар баъзе ҳолат назарҳои интиқодӣ рӯ ба рӯ буд. Аксарият ба ном мунаққидон иддао доштанд, ки ин роҳ аз ҳисоби давлат сохта шудааст чаро онҳо барои истифодааш маблағ пардохт намоянд? Монеаҳои сунъии зиёде буданд, ки аз тарафи намояндагони баъзе сохторҳои давлатӣ низ эҷод мегардиданд. Он рӯзҳо гузашт ва хушбахтона, мардум пурра моҳият ва муҳимияти фаъолияти филиали Ширкатро дарк намуданд.

Мақолаҳои дар воситаҳои ахбори омма нашршуда аз он шаҳодат медиҳанд, ки дар давоми 6 соли охир аз ҷониби соҳибназарон, хоса онҳое, ки қаблан филиали Ширкати саҳомии «Инновейтив Роуд Солюшнз ЛТД» дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро танқид мекарданд, эътироф гардид, ки бинобар надоштани нигоҳбони масъулиятшиносе чун IRS роҳҳои дигаре, ки ба тозагӣ навсозӣ шудаанд, дар муддати кӯтоҳ рӯ ба вайронӣ оварда, аксарият вазъи ногувор доранд. Ҳамрадиф бо ин, пешниҳод шуда буд, ки механизми пулакии истифодаи роҳ дар дигар роҳҳои мамлакат низ мавриди истифода қарор гирад.

Баъд аз 15 соли фаъолияти пурмаҳсули IRS ва бо истинод ба махсусияти ҷуғрофиву иқлимӣ ва ғайра метавон гуфт, ки ҷоришавии истифодаи пулакии роҳи Душанбе - Чанок асоснок ва тадбири оқилона аст.

# ИСТИҚЛОЛИ АРАБИСТОНИ САУДӢ

## Таърих ва таҳлил

**Ҳамасола 23-юми сентябр Арабистони Саудӣ рӯзи Истиқлоли хешро таҷлил мекунад, ки бо номи “Рӯзи миллӣ” машҳур аст. Маҳз дар ҳамин рӯзи соли 1932 Шоҳ Абдул-Азиз ибни Абдурраҳмон ибни Файсал Оли Сауд - бунёдгузори Арабистони Саудии муосир мамлакатро муттаҳид карда, онро ба қаламрави ягона табдил дод.**



### Рӯзи миллӣ

Истиқлоли Арабистони Саудӣ на танҳо дар раванди сиёсии минтақа, балки дар ҷаҳон низ таъсири калон дошт. Оли Сауд пас аз баргардонидани қудрат аз рақибон ва идораи минтақаҳои мухталиф давлати муосирро бунёд кард. Бо идоракунии ин минтақаҳо зери як парчам, Арабистони Саудӣ тавонист худро чун давлати мустақил дар саҳнаи байналмилал муаррифӣ кунад.

Дар Арабистони Саудӣ Рӯзи Истиқлоли кишварашонро пос медоранд. Дар ин рӯз чорабиниҳои гуногун баргузор мекунанд, аз ҷумла маросимҳои расмӣ, намоишҳои ҳавоӣ ва намоишҳои оташбозӣ дар шаҳрҳои калоне мисли Риёз ва Ҷидда.

Рӯзи миллӣ барои мардуми Арабистони Саудӣ фурсатест барои баён кардани ифтихори миллӣ ва талош барои идомаи рушд ва пешрафт. Ин рӯз ба таври рамзӣ намояндагии ваҳдат ва ягонагии миллӣ мебошад, ки дар он шаҳрвандон аз гӯшаҳои гуногуни кишвар ҷамъ омада, ифтихори миллӣ - Рӯзи миллии худро таҷлил мекунанд. Ин чорабиниҳо имкон медиҳанд, ки насли ҷавон бо таърихи миллати худ ва аҳамияти истиқлолияти кишвар шинос шаванд.

### Нигоҳ ба оянда

Таърихи муосир нишон медиҳад, ки Рӯзи миллӣ дар Арабистони Саудӣ танҳо як рӯзи таҷлилӣ нест, балки рамзи пешрафти иҷтимоӣ ва иқтисодии кишвар аст. Дар давоми солҳо, ин кишвар дар аморат ва идоракунии захираҳои нафтӣ ва табиӣ, тахсилот ва технология қадамҳои устувор ба пеш гузоштааст.

Арабистони Саудӣ бо барномаҳои тозаи ислоҳоти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, мисли Vision 2030, кӯшиш мекунад, ки вобастагии худ аз нафтро кам карда, ба як иқтисодиёти муосир ва мувозинатдор даст ёбад.

Рӯзи миллӣ дар ин раванд нақши муҳим мебозад, зеро он нишон медиҳад, ки чӣ гуна таърих ва анъанаҳо метавонанд дар шаклгирии ояндаи кишвар нақши калидӣ бозанд.

# ДОЛОНҲОИ ОЯНДАИ РАВШАН

**(Аввалаш дар саҳ.5)**

Дар маҷмуъ, дар тӯли 32 сол дар Тоҷикистон дар соҳаи нақлиёт 58 лоиҳа ба маблағи қариб 2,2 миллиард доллар амалӣ карда шудааст.

Дар давоми 2 сол дар Тоҷикистон беш аз 300 километр роҳҳои нави мошингарди байналмилалӣ бунёд карда мешавад.

Дар мавриди манбаи маблағгузории лоиҳаҳо дар самти роҳҳои мошингард бояд гуфт, ки дар бунёди сохтори роҳ дар Тоҷикистон, пеш аз ҳама Бонки Осиёии Рушд саҳми калон дорад (ҳаҷми умумии кумак беш аз 766 миллион долларро ташкил медиҳад, ки аз он зиёда аз 611 миллион доллар ба намуди грант пешниҳод шудааст), қарзҳо ва грантҳои Чин қариб 570 миллион долларро ташкил дод, маблағи умумии кумаки Бонки аврупоии таҷдид ва рушд 228 миллион долларро ташкил дод. Ҷопон дар ин масъала бо грантҳо ба маблағи 179 миллион доллар, Фонди АТЕК бо қарзҳо ба маблағи 106 миллион доллар, Бонки исломии рушд ба маблағи 86 миллион доллар, Бонки ҷаҳонӣ тақрибан 66 миллион доллар, Фонди Қувайтии рушд 60 миллион доллар, Фонди рушди Саудӣ бо қарзҳо ба маблағи 56 миллион доллар кумак кардааст. Илова бар ин, Эрон ҳудуди 44 миллион доллар, Амрико 30 миллион доллар, Фаронса 26 миллион доллар ва Покистон бо грантҳо ба маблағи 5 миллион доллар кумак кардаанд. Яъне агар ба ҷуғрофиёи кишварҳои ёрирасон назар андозем, маълум мешавад, ки ҷонибҳои асосии манфиатдор дар рушди инфрасохтори хуби роҳ дар Тоҷикистон кишварҳои Осиё ва Ховари Миёна мебошанд. Ин бори дигар нишон медиҳад, ки дар Тоҷикистон шабакаи роҳҳои мошингарди осиёӣ фаъолона рушд мекунад: аз ҳудуди ҷумҳурӣ 2 масир мегузарад, ки барои муттаҳид кардани бозорҳои Осиё бо кишварҳои қитъаи Аврупо, аз ҷумла барои интиқоли молҳо ба Федератсияи Русия имконият фароҳам меоварад”.

### РОҲҲОИ ОҲАН

Бояд гуфт, ки барои Тоҷикистон тараққӣ додани нақлиёти роҳи оҳан низ хеле муҳим аст - қариб 70 фоизи тамоми борҳои ба кишвар воридшаванда бо воситаи роҳи оҳан интиқол дода мешаванд. Ин нуктаро вазири нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон Азим Иброҳим низ зимни суханронӣ дар доираи форуми имсола дар шаҳри Қазон баён дошт. Ӯ ба шарикон оид ба рушд пешниҳод намуд, ки имкони сармоягузорӣ дар ин самтро баррасӣ кунанд. Имрӯз инфрасохтори роҳи оҳан дар Тоҷикистон суст инкишоф ёфтааст: дарозии умумии роҳҳо аз 1000 километр зиёд нест, ғайр аз ин, онҳо электриконида нашудаанд ва хизматрасонӣ танҳо бо тепловозҳо анҷом дода мешавад.

Тоҷикистон дар оянда амалисозии 10 лоиҳаро дар самти рушди роҳи оҳан бо сармоягузории умумии 7,5 миллиард доллар ба нақша гирифтааст.

“Роҳи оҳани Тоҷикистон имрӯз аз 3 хати ба ҳам пайвастнашуда иборат аст: марказӣ, шимолӣ ва ҷанубӣ, ки тавассути Ӯзбекистон пайваст шудаанд, яъне онҳо то ҳол алоқаи дохилӣ надоранд. Бо назардошти хусусиятҳои ҷуғрофиёии Тоҷикистон ин алоқаро таъмин кардан душвор аст. Дар ин масъала метавон дар бораи ҳамкории Тоҷикистону Русия ёдовар шуд. Роҳи оҳани Русия метавонад ба Тоҷикистон дар ин масъала кумак расонад, яъне роҳи оҳани барои Тоҷикистон заруриро то сарҳади Афғонистон расонида, алоқаи байни қитъаҳои марказӣ ва ҷанубиро таъмин намояд, ки ин барои расидан то минтақаҳои саноатӣ имконият медиҳад. Шояд дар оянда лоиҳаҳо дар ин самт амалӣ карда шаванд, ки он ҳам ба нафъи Тоҷикистон ва ҳам Русия хоҳад буд”,- мегӯяд коршинос Фаридун Усмонов.

Дар баробари ин, имрӯз Тоҷикистон барои иштирок дар лоиҳаи Роҳҳои оҳани Русия ва Маркази содиротии Русия “Агроэкспресс” омодагӣ мегирад. Иин хадамот барои ҳамлу нақли молҳои кишоварзӣ байни кишварҳои ИДМ, Чин ва Туркия таъсис дода шуда, метавонад мӯҳлати таҳвилро ба таври назаррас кам кунад, ки барои маҳсулоти тезвайроншавандаи кишоварзӣ аҳамияти калон дорад.

Ҳамкорӣ бо Русия дар соҳаи нақлиёт ҳамчунин имкон медиҳад, ки Тоҷикистон ба занҷирҳои байналмилалии нақлиётию логистикӣ пайваст шуда, ба ин васила ба ҳадафи худ - табдил ёфтан ба кишвари транзитӣ наздиктар шавад. Дар ин самт ҳамгироии васеи минтақавӣ низ аҳамият дорад. Масалан, узвият дар Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё барои тавсеа додани имкониятҳои Тоҷикистон дар рушди инфрасохтори нақлиётӣ мусоидат мекунад. Тоҷикистон инкишоф додани чанд долонҳои афзалиятноки тиҷоратию транзитиро ба нақша гирифтааст ва алакай ҳаҷми сармоягузории заруриро - ҳудуди 100 миллион доллар муайян кардааст. Дар баробари ин, истифодаи ин долонҳо имкон медиҳад, ки кишвар аз транзити молҳо даромад ба даст оварад.

Коршинос Фаридун Усмонов мегӯяд: “Солҳои охир содироти молҳо аз Русия ба Афғонистон ва Покистон ба таври назаррас афзоиш ёфтааст, ки ин имкониятҳои транзитии Тоҷикистонро низ дар бар мегирад. Ҷуғрофиёи Тоҷикистон имкон медиҳад, ки молҳои Русия ва Қазоқистон ба ин бозорҳо ворид карда шаванд. Аз ин рӯ, бунёди долонҳои нақлиётӣ хеле муҳим аст ва мо алакай натиҷаи чунин ҳамкориҳоро дар амал мушоҳида карда истодаем. Аз нигоҳи рушди минбаъда барои Тоҷикистон бунёди терминалҳои логистикӣ барои боло бурдани имкониятҳои кишвар дар соҳаи логистика ва ҳамлу нақл муҳим мебошад”.

Рушди инфрасохтори нақлиётӣ ҳамкории байналмилалиро дар назар дорад. Аз ин рӯ, барои Тоҷикистон аз имкониятҳои шарикон истифода бурдан дар ин самт бисёр муҳим аст. Дар баробари ин, Тоҷикистон аз лиҳози имкониятҳои транзитӣ барои соҳибкорони рус ҳамчун шарики судманд баромад мекунад, ки ин ҳама аз дурнамои хуби чунин ҳамкорӣ шаҳодат медиҳад.

**Ҳабибуллоҳ АМИНӢ,**
**таҳлилгар**

# БОМБАИ НИҲОНИИ ШӮРАВӢ ВА

- **Барои чӣ олимони тоҷик ба “Шарқ тароналари” даъват нашуданд?**
- **Иттиҳоди кишварҳои туркзабон ба фарҳанги тоҷик чӣ таъсир мегузорад?**
- **Симпозиуми Фалак дар кадом сатҳ бояд гузарад?**
- **“Бомбаи зеризаминӣ”-и идеологияи Шӯравӣ.**
- **Чаро мероси гузаштагонро соҳибӣ намекунем?**
- **Ушшоқи Мулло Тӯйчӣ ё Умар Ҳофиз?**
- **Сабаби паст шудани завқи мардум чист?**
- **Эҳёи Гӯрғулӣ имкон дорад?**



*Суҳбати ихтисосии “Тоҷикистон” бо мудири Шуъбаи санъатшиносии АМИТ, доктори илми санъатшиносӣ, профессор Аслиддин Низомӣ*

### Мусиқии Фалак аз “Илиада” ва Одиссея” кам нест…

**- Чанд рӯз қабл шумо дар шабакаҳои иҷтимоӣ матни суханрониатонро дар Симпозиуми байналмилалӣ, ки рӯзҳои 26-29-уми август дар Самарқанд баргузор шуд, нашр кардед. Маърӯзаи шумо “Ҷуғрофиёи густариши “Дувоздаҳмақом”: аз Мовароуннаҳр то Мағриб” ном дорад ва аён аст, ки муҳтавои он дар шароити кунунии талошҳои фарҳангӣ хеле мубрам мебошад. Вале маълум шуд, ки шумо ва чанд тан аз олимони Тоҷикистонро ба ин ҳамоиш даъват накардаанд. Сабаб чист?**

- Бале, ин ҳамоиши илмӣ бо иштироки зиёда аз 80 олимони ҷаҳон дар доираи баргузории Ҷашнвораи байналмилалии “Шарқ тароналари” (Таронаҳои Шарқ) сурат гирифт. Аз Тоҷикистон низ олимони мо маърӯзаҳои хешро пешниҳод намуда буданд, вале бо сабабҳои номаълум моро даъват накарданд. Воқеан, ин бори аввал аст, ки дар доираи симпозиумҳои илмии Самарқанд аз Тоҷикистон касе иштирок накард. Ғайр аз ин, маълум аст, ки ин дафъа ғайри чашмдошт дар конфронси илмӣ намояндагони Эрон низ ҳузур надоштанд.

Вале кишвари моро дар барномаҳои ҳунарии ин ҷашнвора сарояндагони машҳури сабки фалаксароӣ - Шоҳин Абдуллоев ва Фотима Машрабова бо муваффақият намояндагӣ карданд ва нахустин маротиба аҳли санъати оламро бо услуби нодири мусиқии миллии тоҷик - фалаксароӣ ошно намуданд. Дар фестивалҳои пешин сарояндагони тоҷик Озода Ашӯрова, Фурқат Иброҳимов, Олим Бобоев, Соҳиба Давлатшоева иштирок намуда, соҳиби ҷоизаҳо гардида буданд.

**- Ҳамасола дар Ӯзбекистони ҳамсоя ду ҷашнвораи бузурги мусиқӣ -Ҷашнвораи байналмилалии мақом ва Ҷашнвораи байналмилалии “Шарқ тароналари” дар сатҳи баланд баргузор мешванд. Оё мо имконияти баргузории чунин ҳамоишҳои сатҳи ҷаҳонӣ дар соҳаи мусиқии суннатиро дорем?**

- Бале, ин гуна имконият, доираи хеле калони ҳунармандони асил, равияҳои нодири мусиқии миллӣ дар кишвари мо мавҷуд аст. Масалан, соли равон дар Душанбе Симпозиуми байналмилалии “Шашмақом” баргузор шуд, ки дар он аз панҷ кишвари дунё - Ӯзбекистон, Қазоқистон, Эрон, Туркманистон ва Озарбойҷон ширкат намуда буданд. Ҳоло дар доираи амалӣ сохтани Барномаи давлатии рушди Шашмақом ва фалаксароӣ мо ҳам бояд тибқи талаботи замон масоҳати чорабиниҳоямонро хеле васеътар кунем. Соли оянда, яъне соли 2025 дар доираи ҳамин барнома дар пойтахти Тоҷикистон Симпозиуми байналмилалии Фалак баргузор хоҳад гардид ва ин чорабинӣ майдони хеле бузурги тарғиби анъанаҳои нодири мусиқии қадимии мо мегардад. Ин хеле муҳим аст, зеро ки имрӯз дар олам, хусусан дар фазои фарҳангӣ чӣ гуна гароишҳо ба миён омадаанд, перомуни мероси фарҳангӣ авҷ гирифтаанд. Масалан, вақтҳои охир дар муҳтавои ҳамоишҳои гуногуни давлатҳои туркзабони олам масъалаи мансубияти мероси таърихӣ, фарҳангӣ ва адабӣ ошкоро мавриди баҳс қарор гирифтааст. Яъне як идда давлатҳо ба ҳам омада, бо ҷалби олимон ва ташхиси маъхазҳои хаттӣ кӯшиш карда истодаанд, киояндабинии фарҳангии худро рӯйи як меҳвар муттаҳид намоянд. Дар асл гӯё ин ягон таҳдиде ба ҷараёни эҳёи асолати фарҳангии мо надорад, аммо мубоҳисаҳои иттилоотӣ имрӯз тақозои онро дорад, ки олимони мо, аҳли адабу ҳунар барои ҳарчи беҳтару зиёдтар тарғиб намудани бузургтарин осори мусиқии миллии мо заҳмат кашанд. Дар муҳтавои маърӯзаи банда барои симпозиуми Самарқанд бо такя ба сарчашмаҳои таърихӣ маҳз ҳамин муаммо исбот гардидааст, ки тайи садсолаҳо мусиқии асили тоҷикӣ - Дувоздаҳмақом (баъдан Шашмақом) аз Мовароуннаҳр то шимоли Африқо таъсиррасон будааст ва имрӯз дар Алҷазоиру Марокаш номҳои оҳангҳои миллиашон ҳамон номи тоҷикӣ, яъне Сегоҳ, Чоргоҳ, Пешрав, Сарахборро доранд.

Аз ин сабаб минбаъд мо ҳам бояд кӯшиш кунем, ки Симпозиуми фалакро барои амиқтару васеътар омӯхтани таърихи ташаккули фалаксароӣ, эстетика ва ҷуғрофиёи он истифода барем. Ҳоло ба ғайр аз Тоҷикистон, ки чанд навъи хосаи фалаксароӣ роиҷ аст, дар Эрон, Афғонистон ва ҳатто Покистон ҳам фалаксароӣ маъмул аст. Яъне дар мисоли таҳлили муҳтавои бадеӣ ва эстетикии жанри Фалаксароӣ мо имкон дорем, ки бисёр масъалаҳои мубрами рушди таърихии намунаҳои ҳунарро ба миён гузорем. Масалан, маълум аст, мусиқии шифоҳии мардуми тоҷик - Фалаксароӣ олитарин ва қадимтарин намунаи мусиқии мардумии олам аст ва албатта пайдоиши он хеле қадимтар аз силсилаи Дувоздаҳмақом маҳсуб меёбад. Дар сохтори таронаҳои фалаксароӣ нашонаҳои наҷиби суннати овозхонӣ намудор аст, ки онҳо баъдан, дар асрҳои 11-12 ба низоми мақомсароӣ ворид мешаванд. Феълан дар хазинаи сабтҳои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон қариб 3 ҳазор нусха намунаи матни фалак ва сабти овозии он мавҷуд аст, ки онҳоро тайи асрҳои гузашта халқ эҷод кардааст. Феълан дар дасти олимони тоҷик қариб 3 ҳазор нусха намунаи матни фалак мавҷуд аст, ки онро халқ эҷод кардааст ва ин аз “Иллиадаву Одиссея”, “Гӯрғулӣ”-ву “Алпамиш” ва “Манас” кам нест. Имрӯз масалан, ҳамсояҳои мо омӯзиши “Алпамиш” ва “Манас”-ро ҷузъи барномаи таҳсилоти олӣ кардаанд, гӯш кардани мусиқии мақомҳоро ба барномаҳои макотиби миёна ҷорӣ намудаанд. Ин таҷибаро мо низ бояд истифода намоем.

### Эҳёи “Шоҳномахонӣ”

**- Шумо аз “Манасхонӣ” ёдовар шудед. Маълум аст, ки дар гузашта байни мардум, хусусан дар деҳот маҳфилҳои хоси “Шоҳномахонӣ” амал мекарданд.**

- Бале. Фолклоршиносони тоҷик Раҷаб Амонов, Баҳром Шермуҳаммадов, Мирзо Турсунзода, Абдусалом Деҳотӣ ва дигарон ҳанӯз солҳои 50 муайян карда буданд, ки дар ҷануби Тоҷикистон ва водии Зарафшон суннатҳои “Шоҳномахонӣ” роиҷ будааст, ки ҳоло мутаассифона аз байн рафтааст. Имрӯз, ки бо ибтикори Сарвари давлатамон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон китоби “Шоҳнома” ба ҳар хонавода дастрас мешавад, бояд ҳамзамон анъанаи “Шоҳномахонӣ”-ро эҳё кард. Ва “Шоҳнома”-ро шояд на танҳо услуби қироат, балки ба воситаи овоз, бо оҳанг хондан лозим аст, ки таъсири онро даҳчанд мекунад.

**- Чанд сол қабл аз барномаҳои радио як навъи аҷиби шоҳномахониро бо овоз шунида будам. Баъдан маълум шуд, ки Нависандаи халқии Тоҷикистон устод Сорбон онро месароянд. Шумо онро шунидаед ва нисбати он чӣ андеша доред?**

- Бале, он давра банда низ дар маҳфили “Шоҳномахонӣ” дар радио ширкат мекардам. Воқеан устод Сорбон ягона нафаре буданд, ки шоҳномахониро бо услуби дигар, яъне бо оҳанги аҷоиб иҷро мекарданд. Он оҳанг такрор ва тақлид набуд, балки як сабки хоси қадимиро мемонд. Пас аз пахши барнома баҳсҳо низ шуд, вале устод Лоиқ якумин шуда ин услубро дастгирӣ намуданд. Ҳамин тавр, байни шунавандагони радио низ қабул шуд.

### Кӯшишҳои беҳуда…

**- Шумо дар боло зикр намудед, ки пермоуни мероси фарҳангӣ муттаҳид шудани давлатҳои туркзабон бадӣ надорад. Вале ба назар мерасад, ки дар баъзе ҳолатҳо ҳаракатҳои соф беасоси тақсими мероси фарҳангии Осиёи Марказӣ бештар шудаанд. Магар ин ба зарари мо нест, ки осори Шашмақом, мероси таърихӣ ва илмии моро дигарон моли худ кунанд?**

- Ба ёд биёред, ин гуна кӯшишҳо дар оғози қарни гузашта ҳам буданд, ҳатто дар нашри аввали силсилаи Шашмақом (Москва, 1924) бо сабабҳои муғризона матни тоҷикии мақомҳоро аз зери нотаҳои чоп бардоштанд, лекин соли 1950 ин шоҳасари мусиқии тоҷик бо ташаббуси аллома Бобоҷон Ғафуров ва устод Айнӣ аз нав дар Москва бо хати заррин дар панҷ ҷилд чоп шуд. Яъне кӯшишҳои инкор намудани мероси мо ҳамеша беҳуда буданд. Аммо агар ба моҳияти ин масъала чуқуртар назар кунем, аён мешавад, ки ин як навъ ҳаракатҳо имрӯз низ ба хотири рушди маънавият ва худшиносии давлатҳои туркзабон аст. Бубинед, дар Туркия, Қазоқистон, Қирғизистон мусиқии Шашмақом роиҷ нест, он ҷо оҳангу навоҳои хоси худашон ҳаст. Шашмақом танҳо дар Ӯзбекистон маъмул аст, он ҳам маҳсули ҷараёни пайдоиши назми классикӣ ба забони туркӣ (эҷодиёти Алишер Навоӣ, Лутфӣ, Саккокӣ ва ғайра) мебошад.

Итминони комил дорам, ки рӯйи масоили сиёсиву иқтисодӣ гирд омадани кишварҳои туркзабон ба рушди бемайлони фарҳанги пурқудрати мо осеб расонида наметавонад, зеро фарҳанг, падидаҳои он зимни риояи қонуниятҳои хоси худ рушд мекунанд. Шашмақомро аз худ намудан, иҷро кардан, тарғиб кардани ҳунармандони кишварҳои дигар хуб аст, вале онҳо онро соҳибӣ карда наметавонанд, фалаку шашмақом аз қадим соҳиб доранд ва ин факти таърихиро касе инкор карда наметавонад.

Масалан, дар Аврупо чунин баҳсҳо, яъне ба кадом миллату кишвар тааллуқ доштани мероси Бетховену Мотсарт вуҷуд надоранд, зеро аврупоиҳо прагматик ҳастанд ва кайҳо дарк кардаанд, ки чунин баҳсҳо фоида надоранд.

Мисли садсолаҳо минбаъд низ мусиқии Шашмақом бо ҳамовозии назми классикӣ ва муосири тоҷик рушд хоҳад ёфт.

Албатта, бояд эътироф кард, ки имрӯзҳо аз нав ҳаракатҳои “ҷомаро ба сӯйи пойи худ кашидан” бедор шудаанд, ин амали баъзе аз нафаронест, ки сиёсатро аз илму фарҳанг фарқ карда на-

# ТАҚСИМИ МЕРОСИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ

метавонанд. Масалан, даъво болои мероси илмии Ибни Сино, Абурайҳони Берунӣ ё худ Абунасри Форобӣ. Ин касалӣ ҳанӯз аз даврони шӯравӣ оғоз шуда буд. Хизмати хирсонаи идеологияи шӯравӣ ин буд, ки фарҳанги Осиёи Миёнаро бо шеваи "Всем сестрам ба сергам" "тақсим" кард. Ин кори онҳо мисли гузоштани "бомбаи зеризаминӣ" буд, ки зарараш дар даврони соҳибистиқлол шудани кишварҳо низ мушоҳида мешавад. Он замон аксари ҳамон сиёсатмадорон аз мазмуну мӯҳтавои мероси ин бузургон заррае ҳам дарак надоштанд. Имрӯз дар Тоҷикистон "Қонуни тиб"-и Сино ба забони модариаш нашр шуд ва соҳиби Шоҳҷоизаи Озмуни байналмилалии санъати китоб гардид. Илми мусиқии Сино ба забони тоҷикӣ омодаи нашр аст, осори Форобӣ низ дарак аз он медиҳад, ки олими бузург дар китобаш оҳангҳои Бухоро, танбӯри тоҷикиро тасвир намудааст.

Ҳоло баъзан ақидаҳое пайдо шудаанд, ки меросро муаллифон ба кадом забоне навишта бошанд, он мероси ҳамин сарзамин ба шумор меравад. Ин ғоя ҳам нодуруст аст. Ҳазор сол ҳам гузарад, Ибни Сино ҳамчун шоири тоҷикзабон, ҳамчун фарзанди миллати тоҷик, ҳамчун соҳиби мероси бузурги илми ҷаҳонии ҳам тиб, ҳам фалсафа, ҳам риёзиёт, ҳам мусиқӣ мемонад. Вайро иваз карда намешавад.

**- То ҷое медонам, шумо чанд сол аст, ки ба омӯзиши рисолаи мусиқии Сино машғул ҳастед. Он рисола барои ҳалли ин баҳсҳо чӣ мавод дорад?**

- Бале, ҳоло банда рисолаи мусиқии Ибни Синоро ба чоп омода кардаам. Сино дар ин рисола дар бораи "Дувоздаҳмақом", хоса дар бораи мақомҳои Исфаҳон, Рост, Салмак - яке аз шуъбаҳои Дувоздаҳмақом шарҳ менависад. Ин асар дар асри 10 ва аввали 11 таълиф шудааст. Маълум аст, ки дар он давра дар бораи Дувоздаҳмақом дар илми мусиқӣ сухане набуд, вале маҳз Ибни Сино онро оғоз карда, доир ба мақоми "Мустақим" (тоҷикиаш - Рост) маълумоти дақиқ меорад.

Инчунин дар ҳамин рисола Сино дар бораи сози мусиқии Барбат менависад, ҳол он ки он замон алакай бо таъсири арабҳо ин соз номи удро гирифта буд. Вале Ибни Сино қасдан номашро Барбат мегӯяд. Ӯ мисли Ал-Киндӣ ё худ ҳаким Фирдавсӣ решаҳои пайдоиши мусиқиро омӯхта буд, бинобар ин номи паҳлавии Барбатро истифода бурд. Дар асоси ҳамин хулосаҳо мегӯем, ки баҳсҳои талоши мерос беҳуда аст ва ба манфиати касе наст.

**- Мо ин ҳарфҳоро имрӯз бештар барои худамон мегӯем, яъне дар деги худамон меҷӯшем. Ҳол он ки ҳоло асри расонаҳо, асри шабакаҳои иҷтимоӣ аст. Чӣ кор кунем, ки дар чунин шароит аз худ дифоъ кунем ва мероси худро тарғиб карда тавонем?**

- Хушбахтона, мо имрӯз захираҳои хеле бузурги ақлониву зеҳнӣ дорем, мо соҳиби хазинаи бузурги сарчашмаҳои хаттӣ оид ба таъриху фарҳанг ҳастем, истеъдодҳои нодир дорем. Аз ин рӯ зарур аст, ки ҳамин имкониятҳоро муттаҳид намуда, фаъолона вориди муборизаҳои иттилоотӣ шавем.

Имрӯз тамоми сарчашмаҳои илмӣ, ки дар дохил ва хориҷи кишвар ҳастанд, бояд мавриди таҳқиқи мӯшикофона қарор бигиранд. Бо истифода аз интернет аз онҳо нусха бардошта, таҳқиқ карда, дастраси мардум кардан лозим. Ҳатто шунидани он ки олимони тоҷик хазинаи Британияро омӯхта истодаанд, бояд ғулғула афканад. Вале мо бепарво ҳастем. Ба қавли маъруф, "мо ҳанӯз андар ҳами як кӯчаем". Гузаштаи худро намеомӯзем. Мисол дар бораи Форобӣ. Ӯ дар бораи илми мусиқӣ китоб дорад, ки ҳаҷми он 500 саҳифа аст. Қазоқҳо дар Маркази форобишиносӣ чанд бобашро ба русӣ тарҷумаву нашр карданд. Матни пуррааш ба англисӣ ва фаронсавӣ тарҷума шудааст. Дар Ғарб медонанд, ки Форобӣ дар бораи мусиқии Бухоро чӣ гуфтааст, вале мо бепарво ҳастем. Форобӣ дар Бухоро ба воя расидаву таълим гирифтааст, илми мусиқиро омӯхтааст ва танҳо пас аз ин ба Бағдод рафт ва ин китобро иншо кард. Ӯ дар тавсифи танбӯр мегӯяд, ки танбӯр ду навъ мешавад - бағдодӣ ва хуросонӣ. Танбӯри хуросонӣ гуфта, сураташро кашида, шарҳ додааст. Ду танбӯрро шарҳ доданаш чӣ маънӣ дорад? Ӯ ки фарзанди хуросонӣ буд, дар Бағдод зиндагӣ карда, решаашро фаромӯш накардааст, ӯ садои танбӯрро фаромӯш накарда буд. Ё вай тарзи ҷӯр кардани удро мегӯяд. Менависад, ки боз тарзи дигари ҷӯр кардани уд хаст - тарзи бухороӣ. Худатон қазоват кунед. Тарзи даштӣ ё қипчоқӣ нагуфтааст...

**- Шумо солҳои охир ба таҳқиқи сарчашмаҳо машғулед. Ҳам Рисолаи мусиқии Ҷомӣ, рисолаи Дарвешалии Чангӣ ва чанд манбаъи муҳимро таҳқиқ ва таҳия кардед. Вале ғайр аз шумо ба ин кор касе машғул нест. Чаро?**

- Барои бо сарчашмаҳои мусиқӣ кор кардан забони форсӣ, пеш аз ҳама забони арабӣ ва хати ниёгонро ба таври комил донистан зарур аст. Чун хатҳои гуногун ва хаттотҳои гуногун мавҷуданд. Хаттотҳо вақти рӯнавис илова ва ихтисор мекунанд. Яъне барои омӯхтани он бисёр дарди сар шудан лозим аст. Ба бахти ман вақте дар Консерваторияи Тошканд таҳсил мекардем, ба мо аз фанни забони хориҷӣ дарсҳои ихтисосӣ ташкил карда буданд. Аммо мутаассифона дар барномаи консерватория дарсҳои ғайриихтисосӣ 70 фоиз, дарси ихтисосӣ 30 фоиз. Дар коллеҷҳои санъат низ вазъият ҳамин тавр аст.

### Дарси устоду шогирд

**- Мо дар бораи қадри илмӣ гуфтем, вале ба назарам дар соҳаи санъат низ вазъият хуб нест. Барои мисол дар "Шашмақом" солҳои охир ҷуз чанд нафар ба мисоли Хуршед Иброҳимзода чеҳраи равшан надорем.**

- Сабаб дар он аст, ки шуруъ аз солҳои навадум тарбияи кадрҳои соҳаи "Шашмақом" аз доираи таълимгоҳҳои давлатӣ берун рафта буд. Ташкили Академияи шахсии мақом дар Хуҷанд, ки баъдан сарпарастии онро Бунёди Оғохон ба дӯш гирифт, як муддат ба тарбияи мақомсароён машғул шуда буд. Роҳбари ин академия Абдувалӣ Абдурашидов буд ва дар тарбияи сарояндагону навозандагон роҳи дигарро пеш гирифтанд. Яъне онҳо услуби шашмақомхониро ба услуби Тошканду Фарғона наздик карданд. Он давра устод Муҳаммадҷон Шакурӣ гаштаву баргашта таъкид карда буданд, ки услуби Шаҳобову Соҳибов ва Барноро гум накунед. Ин услуби Бухоро аст ва маҳз мо вориси асосии ҳамин услуб ҳастем. Бубинед, сухан аз боби услубҳо меравад, на мансубияти миллӣ. Яъне услуби Фарғона ҳам ягон камбудӣ надорад ва мо медонем, ки он яқинан зери таъсири завқи амирони манғитӣ ва хонигарии Хуқанд пайдо шуда, густариш ёфтааст. Вале мо меросбари Бухоро ҳастем. Айни замон дар Консерватория ин услуб омӯхта мешавад.

**- Имрӯз мебинем, ки баъзе ҳунармандони кишвари ҳамсоя низ бо услуби хоси бухороӣ месароянд...**

- Бале, дуруст аст, зеро мусиқӣ падидаи зинда аст ва иҷрои онро сарҳад мондан ғайриимкон аст. Дар қарни гузашта дар Тошканд ҳунармандони яҳудитабор зиёд буданд, аз қабили Сироҷ Аминов, Эзро Малаков, Берта Давидова, ки бо услуби Бухоро мехонданд. Тахти таъсири инҳо бархе аз сарояндагони Тошканд низ бо услуби Бухоро месароянд. Ин хуб аст, ки услуби қадимии мақомсароӣ ҳифз мешавад. Аммо имрӯз мо мутаассифона услуби Хуҷанду Исфараро наздик аст, ки ба фаромӯшӣ барем. Ҳол он ки, Содирхон Ҳофизи Хуҷандӣ, Умар Ҳофиз ва Худойбердӣ Ҳофизи исфарагӣ, ки тахаллусаш Зебопарӣ аст, мақомсароёни бузурги соҳибмактаб буданд. Масалан, Умар Ҳофиз асосгузори мактаби сарояндагии Исфара буд ва Мулло Тӯйчӣ Тошмуҳаммадов дар Тошканд ҳамчун устоди Шашмақом эътироф шудааст, шогирди Умар Ҳофиз аст.

**- Яъне маҳз дар ҳамин асос шумо боби машҳури Шашмақомро, ки ҳамчун "Ушшоқи Мулло Тӯйчӣ" маъруф аст, Ушшоқи Умар Ҳофиз ё "Ушшоқи Исфара" мегӯед?**

- Бале. Ин ақида таърихи дуру-дароз дорад. Дар китобҳои "Таърихи мусиқии тоҷик" ва ҷилди аввали "Мақоми рост" ҳам мо дар ин хусус маълумот овардаем. Медонем, ки масалан, Умар Ҳофиз як умр дар Исфара зиндагӣ кардааст ва шогирдонаш аз Тошканду Хуҷанд ва Хӯқанд омада, назди ӯ таълим мегирифтанд. Хони Хӯқанд Амир Умархон шоир, навозанда ва танбӯрӣ буд. Ба Шашмақом таваҷҷуҳ дошт. Хӯқанд дар он давра маркази маъмурӣ буд, вале Исфара маркази фарҳангӣ. Мулло Тӯйчӣ назди Умар Ҳофиз таълим гирифта, ушшоқро аз ӯ омӯхтааст, яъне шубҳае нест, ки муаллифаш Умар Ҳофиз аст.

- Ҳозир аз байни ҷавонҳо шашмақомхони ояндадор дорем?

- Ҳозир дар Консерваторияи миллӣ таълими Шашмақом хеле ҷиддӣ ба роҳ монда шудааст. Консертҳои донишҷӯён нишон медиҳад, ки мо акнун ба асл бармегардем, медонем, ки ситора сохтан ва ҳофизи сатҳи Барно Исҳоқова, Шоҳназар Соҳибов, Аҳмад Бобоқулов омода кардан осон нест. Имрӯз бояд мо тарки инфиродӣ ба таълими ин ё он истеъдод муносибат намоем. Дар солҳои 80-ум банда мудири кафедраи мусиқии шарқи Донишкадаи санъат будам, аз ҳамон давра Ҳаётой Муминова, Лола Азизова, Хосият Ортиқова, Сабоҳат Наҷмиддинова, Озода Ашӯрова ва Олим Бобоевро тариқи таълими инфиродӣ ба устодон вобаста кардем. Бубинед, ҳамаи инҳо ба дараҷаи баланд расиданд, зеро инфиродӣ дарс мегирифтанд. Ин усули устод - шогирд таърихи қадимӣ дорад.

### Ин рӯзҳо мегузаранд…

**- Феълан таваҷҷуҳ ба мусиқии суннатӣ кам аст. Сабаб чист?**

- Бояд эътироф намуд, ки завқи мусиқишунавоии мардум дигар шудааст, вале ин гузаранда аст. Барои шинохти арзишҳои миллӣ равона кардани ҷавонҳо як рӯз не як рӯз самара медиҳад. Ҳоло ҷавонҳо Маснавӣ мехонанд, Шоҳнома мехонанд, озмунҳои ҷумҳуриявӣ нишон додаанд, ки таваҷҷуҳи ҷавонон ба фарҳангу маънавият хеле зиёд шудааст, 30-40 сол пеш онро намедонистанд. Насли нави ҷавонҳои Тоҷикистон дигар мешаванд.

**- Вале ифротгароӣ зиёд мешавад.**

- Сабаб дар он аст, ки гурӯҳҳое, ки манфиатдоранд, фаъолона кор карда истодаанд ва тавассути расонаҳо шабу рӯз ба таъсиррасонӣ машғуланд. Ин қудратҳо маҳз фазои холигии дунёи маънавии ҷавононро меҳоҳанд пур кунанд.

**- Шумо сурудҳои машҳури солҳои охирро гӯш мекунед. Медонед, ки дар тӯю маъракаҳо чиҳоро гӯш мекунанд?**

- Ман на танҳо пайгирӣ, балки таҳлил ҳам мекунам. Ин таъсири замон аст. Дар тамоми дунё имрӯз ин ҷараён идома дорад. Ҷойгоҳи "Попмузик", яъне мусиқии авомона дар фазои фарҳангӣ хеле фароҳ шудааст. Мусиқии асил, оҳангҳои устодона, асарҳои композиторон камтар тарғиб мегардад. Як замон дар донишгоҳи Гумболдти Олмон аз донишҷӯён суол мекардам, ки аз мусиқии композиторони олмонӣ чиҳоро гӯш мекунед? Ҷавоб мегуфтанд, ки Бетховен, Бах, Мотсартро мешиносанд, вале асарҳояшонро гӯш намекарданд. Ин ҳолат, яъне эътибори мусиқии оммавӣ дар тамоми дунё ҷараён дорад. Мардум маблағи калон дода, чунин сурудҳоро фармоиш медиҳанд. Ин гузаранда аст. Санъат қонуниятҳо дорад, ки гоҳо ба худ фурӯ меравад, вале чун ғӯча мешукуфад, барои ин завқи мардумро тарбия намудан лозим. Ҳоло дар мамлакат Консепсияи нави таҳсилот татбиқ мешавад, ба он ҳатман бояд ҷойгоҳи дарсҳои суруду мусиқӣ, санъати тасвирӣ, асосҳои фарҳангшиносӣ ворид шаванд. Ҳоло дар аксари мактабҳо дарси суруд нест, гоҳо соати дарсӣ ҳаст, аммо муаллим нест, ё худ асбоби мусиқӣ нест. Дар ҳамаи мактабҳо бояд сози мусиқии пианино вуҷуд дошта бошад, синфхонаи махсуси мусиқӣ бошад. Дар замири наврасон маҳз бо хондани суруду таронаҳои миллӣ ва асарҳои замонавӣ эҳсоси волои ватандӯстӣ баланд меравад.

### Эҳёи Гӯрғулӣ

**- Шумо дар аввали суҳбат дар бораи гӯрғулӣ ишора кардед. Оё дуруст аст, ки мо ин санъати қадимамонро аз даст додаем?**

- Бале, имрӯз танҳо 2-3 нафар сарояндагони он мондааст.

**- Замоне донишмандони мо исрор мекарданд, ки он моли мо нест.**

- Не, ин фикр мутлақо ботил аст. Биёед ба факту рақам муроҷиат кунем. Достонҳои Гӯрғулӣ наздики як миллион мисраъ матнро дар бар мегиранд. Чанд миллион мисраъи дигари онро сабт накардаем, намедонем. Оё танҳо аз рӯйи ҳамин як миллион мисраъ, ки ба забони тоҷикӣ эҷод шудааст, ба кӣ тааллуқ доштани гӯрғулӣ маълум нест? Ин ҳаҷмаш. Акнун мазмуну мандариҷааш, қаҳрамонҳояш, номи қаҳрамонҳояш, номи аспҳо, номи ҳодисаҳо, номи муборизаи аҳли Чамбули мастон ба рағми тохтутозҳои қипчоқ магар дарак аз номуси аҳолии маҳаллӣ намедиҳанд?

**- Оё имрӯз имкони эҳёи гӯрғулӣ ҳаст?**

- Ҳама гуна имконият ҳамеша ҳаст. Баъзеҳо мегӯянд, ки шароит, муҳити таърихӣ лозим нест. Замоне кӯшиш карда будем, ки мактаби хусусии гӯрғулихонӣ бо кумаки фонди Шветсария таъсис диҳем. Чанд нафар донишҷӯёнро ҷамъ кардем. Як кӯшиш шуд, вале натиҷа надод. Албатта таъсири муҳит ҳаст. Таҷрибаро зинда кардан лозим. Мавҷуд набудани иҷрогарони гӯрғулӣ маънии онро надорад, ки мо ин ҳамосаи бузурги миллат, яъне сарчашмаи муҳими хотираи инсониятро фаромӯш созем. Ҳоло имконияти тарғиби ин ҳамоса бо истифода аз технологияи замонӣ мавҷуд аст.

**Мусоҳиб: Одил НОЗИР**

ФУТЗАЛ

# ШИКАСТИ ТОҶИКИСТОН АЗ МАРОКАШ ДАР ҶОМИ ҶАҲОН-2024

**Аз 14-уми сентябр дар кишвари Ӯзбекистон Ҷоми ҷаҳонии футзал-2024 бо ширктаи 24 дастаи беҳтарини ҷаҳон шурӯъ шуд, ки дастаи мунтахаби Тоҷикистон низ дар ин миён ҳаст.**

Бозиҳо аз гурӯҳи А оғоз шуданд. Дар рӯзи якум Парагвай бо ҳисоби 5:2 Коста-Рикаро шикаст дод. Дар ҳамин рӯз Хорватия аз Тайланд бо ҳисоби 1:2 мағлуб шуд. Бразилия ба дарвозаи Куба 10 голи бечавоб зад. Бозии соҳибони майдон бо Нидерландҳо мусовӣ - 3:3 ба охир расид.

Дар рӯзи дуюм Афғонистон бар Ангола бо ҳисоби 6:4 пирӯз шуд. Аргентина тавонист Украинаро бо ҳисоби 7:1 шикаст диҳад. Сипас, Зеландияи Нав аз Либия бо ҳисоби 1:3 мағлуб шуд ва Испания бо Қазоқистон мусовӣ - 1:1 кард.



Дар рӯзм сеюм Эрон Венесуэларо бо ҳисоби 7:1 шикаст дод ва Гватемала аз Фаронса бо ҳисоби 3:6 мағлуб шуд. Дар ин рӯз Португалия бо ҳисоби 10:1 Панамаро мағлуб кард.

Дастаи Тоҷикистон дар бозии ифтитоҳии даври аввали гурӯҳи «Е» бо дастаи чемпиони Африко Марокаш вохӯрд. Вохӯрӣ бо ҳисоби 4:2 ба фоидаи футзалбозони Марокаш анҷом ёфт. Голҳои Тоҷикистонро Самандар Ризомов ва Файзалӣ Сардоров заданд. Дар ин бозӣ Идрис Ёров аз Тоҷикистон ду корти зард гирифт ва аз майдон берун шуд, ки ин ба як голи Марокаш сабаб шуд.

Дастаи мунтахаби Тоҷикистон рӯзи 19-уми сентябр дар даври дуюми марҳилаи гурӯҳии Ҷоми ҷаҳон-2024 бо чемпиони феълии ҷаҳон - Португалия бозӣ мекунад.

Дар мусобиқа шаш гурӯҳи иборат аз чордастаӣ ширкат доранд, ки дастаҳои ду ҷойи аввал ва чор дастаи беҳтарини зинаи сеюм ба даври дигар роҳ меёбанд.

ФУТБОЛ

# «ИСТИҚЛОЛ» ДАР ЛИГАИ ДУЮМИ ЧЕМПИОНҲОИ ОСИЁ АЗ «ШАРҶА» МАҒЛУБ ШУД

**17-уми сентябр дар варзишгоҳи марказии ҷумҳуриявӣ дар Душанбе вохӯрии даври аввали марҳилаи гурӯҳии Лигаи дуюми чемпионҳои Осиё-24/25 миёни дастаҳои "Истиқлол"-и Тоҷикистон ва "Шарҷа"-и (АМА) баргузор шуд.**

Вохӯрӣ пуршиддат баргузор шуд ва «Шарҷа» бо бартарии як гол «Истиқлол»-ро дар майдони худаш мағлуб кард. Голро дар дақиқаи 72-юм Муҳаммад Фирас ба дарвозаи Муҳриддин Ҳасанов зад.

Дар вохӯрии дигари гурӯҳи «С» тими «Ал-Ваҳда» (Урдун) бо натиҷаи 2:1 дар майдони худ бар дастаи «Сипоҳон» (Эрон) пирӯз гардид. Голи «Сипоҳон»-ро футболбози тоҷик Ваҳдат Ҳаннонов зад.

Дар даври дуюм, ки рӯзи 1-уми октябр баргузор мегардад, «Истиқлол» дар сафар бо «Сипоҳон» неру месанҷад.



ҶУДО

# 17 НАМОЯНДАИ ТОҶИКИСТОН ДАР ЧЕМПИОНАТИ ҶАҲОНИИ ҶУДО БАЙНИ ҶАВОНОН



**Аз 2 то 6-уми октябр дар шаҳри Душанбе маротибаи аввал Чемпионати ҷаҳонии ҷудо байни ҷавонон баргузор мешавад. Дар ин бора раиси шаҳри Душанбе қарор кардааст.**

То 13-уми сентябр барои иштирок дар ин мусобиқа 329 варзишгар (183 писар ва 146 духтар) аз 51 кишвари 5 қитъаи олам номнавис шудаанд. Ин шумора шояд зиёд шавад.

Федератсияи ҷудои Тоҷикистон барои иштирок дар ин чемпионат 17 варзишгарро номнавис кардааст. Инҳо Лоиқ Кутбуддинов (-60 кг), Саъдӣ Маҳмадов (-60 кг), Хайрулло Ғанизода (-60 кг), Самиршо Муҳаббатов (-66 кг), Умар Шеров (-66 кг), Бобоҷон Муктадирӣ (-66 кг), Муҳиддин Асадуллоев (-73 кг), Илҳомиддин Ҷабборов (-73 кг), Аминҷон Абдуҷалилзода (-81 кг), Суннатулло Мусоев (-81 кг), Муҳаммад Юсуфзода (-81 кг), Мусоҳон Ғаниев (-90 кг), Мусаммир Каримзода (-90 кг), Парвиз Абдураҳмонов (-100 кг), Муҳсин Маллаев (-100 кг), Аҳмад Табаров (+100 кг) ва Фароҳманд Устопириён (+100 кг) ҳастанд.

БҶК-2024

# ШАШ МЕДАЛИ БИРИНҶИИ ВАРЗИШГАРОНИ ТОҶИКИСТОН АЗ БОЗИҲОИ ҶАҲОНИИ КӮЧМАНЧИЁН

**Дастаи мунтахаби Тоҷикистон дар Бозиҳои ҷаҳонии кӯчманчиён (БҶК-2024) дар Остона ширкат кард ва шаш медали биринҷӣ ба даст овард.**

Дар рӯзи охирини мусобиқот тими Тоҷикистон дар ордо медали биринҷӣ гирифт. Ин бозии кӯчманчиён аст, ки дар он ширкаткунандагон дар дақиқият ва усул рақобат мекунанд. Бозингарон бо истифода аз диски вазнини партобӣ, ки "шаке" ном дорад, кӯшиш мекунанд, ки мухра ё дона (ордо)-и рақибонро аз давра берун кунанд. Бозӣ дақиқият, зӯр ва хуши стратегиро талаб мекунад, зеро на танҳо ба ҳадаф расидан муҳим аст, балки муҳофизати ордои худ низ зарур аст.

Қаблан Сайфиддин Сайфиддинзода дар гӯштини камарбандии дар вазни то 80 кг медали биринҷӣ гирифт.

Дастаи мунтахаби Тоҷикистон дар бозии асиқ ату (бҷулбозӣ ё донаандозӣ) низ мақоми сеюмро касб кард.

Ҳамроз Раҷабов дар гӯштини миллии қазоқӣ боз як медали биринҷӣ гирифт. Медалҳои биринҷии дигарро паҳлавонон дар куреши қазоқӣ Ҳақназар Назаров дар вазни 90 кг ва Дадахон Курбоналиев дар вазни беш аз 100 кг ба даст оварданд.

РЕЗААХБОР



Федератсияи байналмилалии ҷудо рейтинги навшударо нашр кард, ки дар он Темур Раҳимов дар вазни +100 кг 6200 хол гирифта, дар ҷаҳон сеюм шуд. Сомон Маҳмадбеков (81 кг) бо 4980 имтиёз ба мақоми 5-ум дар ҷаҳон баромад. Нуралӣ Эмомалӣ дар вазни 66 кг бо 4381 хол дар ҷойи 5-ум аст. Беҳрӯз Хоҷазода дар вазни 73 кг бо 2760 ҷойи 19-умро касб кардааст. Обид Чебов (66 кг) 2934 имтиёз ба мақоми 22-юмро дорад.

***

Дастаи мардонаи шатранҷбозони Тоҷикистон дар даври 6-уми Олимпиадаи ҷаҳонии шатранҷ дар Будапешт бар тими Португалия бо ҳисоби 3:1 пирӯз шуд. Дастаи Тоҷикистон пас аз 6 давр 8 имтиёз ба даст оварда, дар байни 197 кишвари ширкаткунандаи олимпиада дар ҷойи 33-юм қарор дорад. Сегонаи аввал Ҳиндустон, Ветнам ва Чин мебошанд.

***

Дастаи мунтахаби занонаи шатранҷбозони Тоҷикистон дар даври 6-уми Олимпиадаи ҷаҳонии шатранҷ дар Будапешт бар Финландия бо ҳисоби 2,5:1,5 пирӯз шуд. Дастаи занонаи Тоҷикистон пас аз даври 6-ум дар байни 183 даста дар ҷойи 49-ум қарор дорад. Ҳарифи навбатии дастаи мунтахаби Тоҷикистон Словакия хоҳад буд.

***

Кумитаи байналмилалии олимпӣ (КБО) феҳристи номзадҳо ба мақоми раиси ин созмонро эълон кард. Барои курсии раиси КБО 7 нафар мубориза мебаранд. Инҳо Файсал Ал-Хусейн (Урдун), Себастян Ко (Британиёи Кабир), Кирсти Ковентри (Зимбабве), Хуан Антонио Самаранчи хурдӣ (Испания), Йохан Элиас (Шветсия), Давид Лапартиан (Фаронса) ва Моринари Ватанабе (Ҷопон) ҳастанд. Моҳи августи соли 2024 президенти кунунии КБО Томас Бах эълон кард, ки пас аз анҷоми мӯҳлати ваколаташ истеъфо медиҳад.

# ҲАМЛА БА МУФТӢ

## ҷинояткорро 7 сол зиндон интизор аст



**Ба фарде, ки ба раиси Шӯрои уламо Саидмукаррам Абдулқодирзода ҳамла кардааст, аз 5 то 7 соли зиндон таҳдид мекунад. Дар ин бора хабаргузории РИА "Новости" бо такя ба як манбаъ аз Вазорати корҳои дохилии Тоҷикистон менависад.**

Ҳамлагар ба авбошӣ айбдор мешавад.

"Дар робита ба ин ҳодиса тибқи моддаи 237-и Кодекси ҷиноятӣ ("авбошӣ") парвандаи ҷиноятӣ боз шудааст",- менависад манбаъ.

Ёдовар мешавем, ки ҳамла ба раиси Шӯрои уламои Тоҷикистон Саидмукаррам Абдулқодирзода 11-уми сентябр баъди намози аср сурат гирифт.

Ба иттилои маркази матбуоти ВКД Тоҷикистон, "як нафар аз ҳиссиёти авбошӣ ба бадани муфтии Тоҷикистон Абдулқодирзода Саидмукаррам бо асбоби халандаю буранда зада, тартиботи ҷамъиятиро вайрон намуд".

"Дар натиҷа Абдулқодирзода ҷароҳати сабуки ҷисмонӣ бардошта, баъди ташхиси духтурон ба ҷойи зисташ гуселонида шуд",- омадааст дар хабари Вазорат.

Гуфта мешавад, ҳангоми андешидани ҷорабиниҳои оперативии мақомоти корҳои дохилӣ ҷинояткор саривақт дастгир карда шуд, вале ҳувияти ӯ ошкор карда намешавад. Ҳоло вазъи саломатии Саидмукаррам Абдулқодирзода хуб аст.

# ҲУШДОРИ "ДУШАНБЕ СИТИ" АЗ ҚАЛЛОБОН

**Чанд рӯзи охир корбарони шабакаҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла "Telegram" аз пайдо шудани гурӯҳи ба истилоҳ "фейкӣ" бо номи "Душанбе Сити Бонк" шикоят мекунанд, ки аъзо ба он ба таври оммавӣ ва бидуни ризоият илова мешаванд.**



Аз "Душанбе Сити" мегӯянд, ки онҳо ба ин чунин гурӯҳҳо иртиботе надоранд ва аз шаҳрвандон даъват карданд, ки эҳтиёткор бошанду ба ҳеҷ ваҷҳ маълумоти шахсии худро ба касе надиҳанд.

Ин бонк дар саҳифаи расмии худ дар "Telegram" ба сокинон муроҷиат кардааст, ки ба ҳар гуна гурӯҳҳои шубҳанок ворид нашаванд, дар ҳолати дидани саҳифаҳои қалбакӣ, ҳатман ба онҳо муроҷиат кунанд.

Қаблан ҳам қаллобон бо истифода аз номи ширкатҳо ва шахсиятҳои машҳур, аз ҷумла аз номи ширкатҳои "Тойота", "Беко", бонки "Эсхата", "Душанбе Сити Бонк" ва шахсиятҳое чун шаҳрдори Душанбе Рустами Эмомалӣ, раисҷумҳури кишвар Эмомалӣ Раҳмон сокинонро фиреб медоданд.

Коршиносон мегӯянд, ки чунин гурӯҳҳо аз рӯйи як "нақша" кор мекунанд. Гӯё барои илова кардани аъзои нав пул медиҳанд. Баъдан ин гурӯҳҳо аъзо ё обуначиёни зиёдро ҷамъ карда, баъд гурӯҳу шабакаҳои тайёрро бо аудиторияи зиёд мефурӯшанд. Ҳар қадар аудитория бештар бошад, ҳамон қадар арзиши гурӯҳ баланд мешавад.

# ҶАЗОИ ДУ МАНСАБДОР БАРОИ "ҲОҶИОШӢ"

**Раиси ҷамоати деҳоти Косатароши шаҳри Панҷакентро барои гузаронидани маъракаи "ҳоҷиошӣ" қариб 58 ҳазор сомонӣ ҷарима ва аз вазифа барканор карданд.**



Дар ин бора Парвиз Амонзода, мудири бахши дин, танзими анъана ва ҷашну маросими МИҲД-и шаҳри Панҷакент хабар додааст.

"... Раиси ҷамоати деҳоти Косатарош, сокини деҳаи Чорбоғ Шамсиев А. маъракаи ҳоҷиоширо бар хилофи муқаррароти Қонун доир намудааст. Нисбат ба Шамсиев протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тартиб дода, ба маблағи 57 600 сомонӣ ҷарима карда шуд. Ӯ аз иҷрои вазифаи хизмати давлатӣ низ сабукдӯш гардид",- навиштааст Парвиз Амонзода.

Ба навиштаи ӯ, ҳамчунин як мансабдори дигари шаҳр барои баргузор кардани маъракаи "ҳоҷиошӣ" қариб 40 ҳазор сомонӣ ҷарима шудааст. Ӯ иҷрочии Ҳадамоти иҷро дар шаҳри Панҷакент Муродилозода Ҳ. аст, ки "маъракаи ҳоҷиоширо бо теъдоди зиёди одамон баргузор намудааст".

Ёдовар мешавем, ки тибқи муқаррароти Қонун "Дар бораи танзими ҷашну маросим" барои ҳоҷизиёрат, ҳоҷиталбон, ҳоҷиошӣ шаҳрвандон 21 ҳазору 600 сомонӣ ва мансабдорон 57 ҳазору 600 сомонӣ ҷарима мешаванд.

# ХУШДОМАН КЕЛИНРО БА ХУДКУШӢ ВОДОР КАРД



**Суди ноҳияи Деваштич як занро барои тамаъҷӯӣ ва ба худкушӣ расонидани келинаш 5 сол равонаи зиндон кард. Дар ин бора аз Суди вилояти Суғд хабар медиҳанд.**

Гуфта мешавад, ки Саломат Қодироваи 49-сола, сокини ҷамоати деҳоти Яхтани ноҳияи Деваштич келини хонадон Мадина Маҷидоваро ба худкушӣ расонидааст.

Ба иттилои манбаъ, хушдоману келин дар як коргоҳ кор мекарданд ва Қодирова "нисбати келини худ бадгумонӣ карда, ӯро барои доштани муносибати маҳрамона бо ронандаи корхона гунаҳгор мекард".

Саломат Қодирова ба баҳонаи "рӯйпӯш кардани муносибат бо келинаш" ва таҳдид (шантаж) аз ронандаи корхона 8,5 ҳазор сомонӣ гирифтааст.

Келин ба таҳдиди хушдоман тоб наоварда, моҳи январи соли 2024 бо қасди худкушӣ дору меҳӯрад. Аз ин кор волидонаш бохабар шуда, ба табибон муроҷиат мекунанд ва Маҷидова зинда мемонад.



**Дар шаҳри Душанбе нафароне, ки ба ҳуқуқвайронкуниҳои сабук даст зада, аз 3 то 15 шабонарӯз ҳабси маъмурӣ шудаанд, ба "корҳои манфиатнок барои ҷомеа" сафарбар гардиданд.**

Раёсати ВКД дар шаҳри Душанбе мегӯяд, ин навбат 40 нафар ба "корҳои манфиатнок барои ҷомеа, рӯбучин, шанбегиҳои дастаҷамъӣ, ободониву тозакории кӯчаву хиёбонҳои пойтахт" ҷалб шуданд.

Ин афрод бо гуноҳи фолбинӣ ва сеҳру ҷоду, идора намудани воситаҳои нақлиёт дар ҳолати мастӣ, майдаавбошӣ, оворагардӣ ва талбандагӣ дастгир шудаанд.



**Дар Суғд як ҷавонро бо гумони пахн намудани маводи порнографӣ як сол аз озодӣ маҳрум карданд. Дар ин бора аз Суди вилояти Суғд хабар медиҳанд.**

Гуфта мешавад, ки маҳкумшуда Ҳ. Т. сокини 31-солаи ноҳияи Бобоҷон Ғафуров будааст. Ӯ худро зан муаррифӣ карда, ба як ронандаи микроавтобус занг зада, пешниҳоди ҳамхобагӣ кардааст. Пас аз он ки пешниҳодаш рад шудааст, ба ронанда тавассути WhatsApp маводи порнографӣ фиристодааст. Пас аз шикояти ронанда, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҷавонро дастгир кардаанд.



**Се кӯдак дар Русия зери чархи мошини корманди БДА монданд. Ду нафари онҳо шаҳрванди Тоҷикистон ва писарбачаи сеюм шаҳрванди Ӯзбекистон аст.**

Дар ин бора "Московский комсомолец" хабар медиҳад. Ҳодиса шоми шанбе рух додааст. Марди 27-сола бо мошини Omoda C5 се писарбачаро пахш кардааст, ки ногаҳон ба шоҳроҳ баромадаанд. Дар натиҷа ду бародари 4 ва 7-сола ва як кӯдаки 5-сола зери чархи мошин мондаанд. Ҳамаи онҳо бо ҷароҳатҳои вазнин дар беморхона бистарӣ шудаанд. Ду бародари маҷрӯҳшуда зода ва шаҳрвандони Тоҷикистон ва писари сеюм шаҳрванди Ӯзбекистон будааст.

# ШУМО БА КАЛСИЙ НИЁЗ ДОРЕД?

**Калсий дар саломатии инсон нақши муҳим дорад. Норасоии ин модда метавонад боиси рехтани дандонҳо, зудшикан шудани нохунҳо ва гирифтор гаштан ба дарди устухонҳо гардад.**

Оё дар организми шумо калсий мерасад? Тести мазкур кумак мерасонад, ки ба ин савол ҷавоб гиред.

Барои ин ба саволҳои зерин содиқона ҷавоб доданатон лозим аст:

**1. Шумо аз офтоб аллергия доред?**
**2. Ба табларза гирифтор мешавед?**
**3. Ҳар рӯз камтар аз як истакон шир менӯшед?**
**4. Хеле кам кефир ва ҷурғот мехӯред?**
**5. Бештар обҳои ширини газнок менӯшед?**
**6. Дӯстдори сабзавоти тару тоза нестед?**
**7. Хӯрдани ҳасиб ва гӯштро дӯст медоред?**
**8. Аз остеопороз азият мекашед?**

Агар ба аксари саволҳо ҷавоби “не” дода бошед, маълум мешавад, ки ҷисми шумо аз норасоии калсий азият намекашад. Агар аз нисф зиёди ҷавобҳоятон “ҳа” бошанд, пас калсий дар ҷисми шумо хеле кам буда, барои барқарор намудани миқдори ин моддаи муфид бояд тадбирҳои фаврӣ андешед.

**Барои ин чӣ бояд кард?**

1. Бештар шир ва маҳсулоти ширӣ хӯред. Махсусан панири равғаннокиаш кам муфид буда, ба зудӣ ҷисми шуморо бо калсий таъмин мекунад.

2. Йогурт низ метавонад талаботи ҷисми инсонро ба калсий қонеъ гардонад. Махсусан йогурте, ки дар таркибаш бактерияҳои зинда мавҷуд буда, қанд ва моддаҳои хушбӯйкунанда надорад, фоиданок аст. 3. Моҳӣ аз калсий бой аст. Дар таркиби моҳӣ натанҳо калсий, балки фосфор низ мавҷуд аст. Туфайли ин ҳамбастагӣ ҷисми инсон калсийро ба зудӣ ҷаббида мегирад.

Дар таркиби донагиҳо, аз ҷумла лӯбиё, соя, горох ва кунҷид низ калсий фаровон буда, ба пурқувват шудани устухон ва дандонҳои шумо ёрӣ мерасонад.




# АНГУР - ДАВОИ БЕМОРИИ ҶИГАР

**Дар таркиби ангур қанд, туршӣ, витаминҳои А, С, В, моддаҳои пектинӣ, намакҳои минералии калий, калсий, магний, фосфор, оҳан, манган мавҷуд аст.**



Афшураи ангур мубодилаи моддаҳоро дар организм беҳтар ва гемоглобини хунро зиёд карда, ба системаи асаб ва мушакҳо тақвият мебахшад. 1 литр афшураи ангур ба организми одам аз 700 то 1000 калория гармӣ медиҳад.

Табибони халқӣ шираи ғӯраи ангур, инчунин навъҳои турши онро чун воситаи иштиҳоовар ва ҳозим ба кор мебаранд. Ангури пухта, бахусус ангури сиёҳ, ҳангоми камхунӣ ва чун воситаи тақвиятбахш барои беморони заифу бемадор тавсия дода мешавад.

Аз ғӯраи ангур сирко тайёр мекунанд, ки давои хуби иштиҳоовар аст. Барг ва навдаҳои токро ҳангоми муолиҷаи ғалаёни хун ва диабети қанд тавсия медиҳанд.

Тарзи тахияи он: 4 чумча (40 - 50 грамм) барги хушки токро дар 0,5 литр оби ҷӯш чой карда, баъд дар оташи паст 10 - 15 дақиқа меҷӯшонанд. Сипас онро полида, рӯзе 3 - 4 маротиба пеш аз хӯрок 0,5 истакон менӯшанд. Дар тиби муосир ангур барои муолиҷаи касалиҳои сил, иллати дил, ҷигар, меъда, шуш, асаб ва ғайра истифода мешавад.

Илми тиб муқаррар кардаast, ки ҳар кас бояд рӯзе 300 - 500 грамм ангур истеъмол намояд. Шарбати ангур хунро тоза мекунад, мубодилаи моддаҳоро вусъат мебахшад, тарашшӯҳи шираи меъдаро меафзояд. Ангур ҳангоми муолиҷаи рахит, бавосир, назлаи меъда ва рӯда, исҳоли кӯҳна ва омоси ҷигар низ муфид аст. Истеъмоли ангури ширин барои одамони гирифтори касалии қанд, исҳоли хунини шадид, фишори хун ҷоиз нест. Истеъмоли ангур бо шир, бодиринг, харбуза, оби маъданӣ, моҳӣ боиси ихтилоли кори меъда мешавад.

## Толеънома



***Ҳамал***
***21.03 - 20.04***

Муносибати худро бо нафароне, ки пешравии касбу коратон аз онҳо вобастагӣ дорад, бад накунед. Кори худро софдилона ба анҷом расонед. Давоми ҳафта зимни мулоҳизаронӣ ба эҳсосот дода нашавед. Барои он ки бемор нашавед, ҳама корро мустақилона анҷом надиҳед.



***Савр***
***21.04 - 21.05***

Мушкилиҳое, ки ҳафтаҳои пеш аз сар гузаронидед, сабаб мегарданду камбудиҳои ночизро ба эътибор намегиред. Ин амалатон ба касбу кор бетаъсир намемонад. Ба ҳолатҳои ногуворе, ки баногаҳ сар мезананд, омода бошед.



***Ҷавзо***
***22.05 - 21.06***

Таъсири нафарони бомартаба ба касбу коратон маънои онро надорад, ки дилмонда шавед. Беҳтараш кори оғознамудаи худро ба охир расонед. Дӯстдоштаатон ба муҳаббату дастгирии шумо ниёз дорад. Ин хоҳиши ёратонро ҳамчун нозу нузи навбатӣ қабул накунед.



***Саратон***
***22.06 - 23.07***

Аз пайи ҳавову ҳавас давидан боиси он мегардад, ки ҳама чизро аз даст медиҳед. Танҳо тавассути ақли солим ва ба эҳсосот дода нашуда, мушкилиҳои сарзадаро рафъ сохта метавонед. Тамоми фикру хаёлатон банди он аст, ки чӣ гуна пул ба даст биёред.



***Асад***
***23.07 - 22.08***

Корҳои зиёдеро бояд аз нав ба анҷом расонед ва танҳо дар ҳамин сурат ба мурoду мақсади худ расида метавонед. Андешаи он ки ёратон «ҳеҷ куҷо намешавад», ғалат аст. Агар сари вақт нисбати ёри худ таваҷҷуҳи бештар накунед, ӯро аз даст медиҳед.



***Сунбула***
***23.08 - 22.09***

Ҳангоми пешравӣ дар касбу кор ба иззати нафси касе нарасед, вагарна рӯзе бо шумо низ чунин муносибат мекунанд. Аз ҳад зиёд фаъол буданатон сабабгори он мегардад, ки ёратон аз маҳдуд гаштани озодӣ ва нақшаҳояш ба таҳлука меафтад.



***Мизон***
***25.09 - 22.10***

Агар нағзакак меҳнат накарда бошед, коратон низ натиҷаи хуб намедиҳад. Ба коре, ки боиси қаҳру ғазаби наздикон мешавад, даст назанед. Кӯшиши аз осмон ситора ба даст оварданро накунеду ба даҳони худ нигоҳ карда гап занед.



***Ақраб***
***23.10 - 22.11***

Тамоми ҳунару маҳорати худро нишон дода метавонед, чунин имконияро аз даст надиҳед. Муҳаббату дӯстдории худро бо сухан неву бо амал нишон диҳед. Охири ҳафта бо дӯстдоштаатон нофаҳмӣ сар мезанад, ба қаҳру ғазаб роҳ надиҳед.



***Қавс***
***25.11 - 21.12***

Бечуръатии шумо бо сабаби таҷрибаи кам доштанатон пайдо мешавад, бештар дар амал бошед, он гоҳ натиҷаашро мебинед. Ба ваъдаи додаатон вафо кунед, рафту аз худ бовар ӣ надошта бошед, ваъда надиҳед. Вақте расидаast, ки аз пайи ташхису табобат шавед.



***Ҷаддӣ***
***22.12 - 20.11***

Агар дар коре дудила бошед, аз нафарони таҷрибадору рӯзгордида маслиҳат пурсед. Бечуръатии шумо сабабгори нофаҳмӣ бо шахси дӯстдоштаатон мегардад. Вазъи молиявии нафарони эҷодкор ва нафароне, ки бо кори савдо машғуланд, беҳтар мегардад.



***Далв***
***21.01 - 19.02***

Дар ин ҳафта аз ҳад зиёд дар касбу кор кӯшиш ба харҷ надода, аз рӯи мақоли «кам бошаду ғам набошад» амал намоед. Муносибатҳои маҳрамонаро ба нақша гирифта намешавад, беҳтараш бо амри дил амал намоед. Вазъи молиявиатон рӯ ба беҳбудӣ меорад.



***Ҳут***
***20.02 - 20.03***

Имконияти хуби нишон додани қобилиятҳои худро пайдо мекунед. Корҳои худро ба нақша гирифта, сари вақт ба анҷом расонед. Муносибатҳои ошиқонаатон ранги дигар мегирад. Ҳодисаҳо чунон тез сурат мегиранд, ки ба дилатон ҳарос афтода, дар ҳоли ногувор мемонед.

# ФАРЗАНДИ СОДИҚИ ВАТАН

## Генерал-майор Эркин Муҳиддинов 80-сола шуд

**Хушбахтона, имрӯз дар кишварамон шахсиятҳое ҳастанд, ки бо дилу нияти пок ва бо садоқат ба халқу Ватан хизмат намуда, бо фазилатҳои наҷиби инсониашон байни мардум соҳибэҳтиром гаштаанд. Яке аз чунин мардони фидокору заҳматкаш, ватандӯст, нексиришту хирадманд, хоксору заминӣ генерал-майор Муҳиддинов Эркин Юлдошевич мебошанд, ки рӯзҳои наздик 80-солагии умри бобаракати хешро қайд намуданд.**



Эркин Муҳиддинов 14-уми августи соли 1944 дар деҳаи Мадми ноҳияи Айнии вилояти Суғд, дар оилаи коргар таваллуд шудааст. Баъди бо баҳои аъло хатм намудани мактаби миёна ба факултети забон ва адабиёти Донишгоҳи омӯзгории пойтахт дохил шуда, онро бо дипломи сурх хатм мекунад. Баъд дар асоси роҳхати мактаби олии номбурда ба ҳайси муаллим ба шаҳри Турсунзода равон карда мешавад. Дар як муддати кӯтоҳ ӯ дар байни омӯзгорон ҳамчун мутахасиси оянддор ном мебарорад. Қобилияти ташкилотчигӣ ва дониши ҳаматарафаи Муҳиддиновро ба назар гирифта, вайро ба вазифаи нозири шуъбаи маорифи шаҳри Турсунзода таъин мекунанд. Соли 1967 ба хизмати модар Ватан даъват мешавад, чанговари башардӯст мебошад, соли 1968 дар қатори дигар родмардони Артиши Шӯравӣ дар ором кардани ошӯбҳои Ҷумҳурии Чехословакия иштирок кардааст.

Пас аз ба итмом расидани мухлати хизмат ба шаҳри Турсунзода баргашта, фаъолияти худро дар соҳаи маориф давом медиҳад. Донишу қобилияти баланд, чаҳонбинии васеъ ва маҳоратҳои Эркин Юлдошевичро Кумитаи бехатарии давлатии ҷумҳурӣ ҳаматарафа омӯхтаю ба назар гирифта, вайро барои хизмат дар сафҳои мақомоти амниятӣ даъват мекунанд.

Бояд ибрoз намоям, ки дар давраи Иттиҳоди Шӯравӣ афсари кумитаи бехатарӣ шуда хизмат намудан орзуи ҷавонони пешқадами ҳамон замон буд ва ин на ба ҳар кас муяссар мешуд. Ҳамин тавр, устод Муҳиддинов Э. Ю. дар ин идораи бонуфуз зиёда аз 33 соли ҳаёти пурсамару бобаракати хешро паси сар кардааст. Дар ин муддат вай аз вазифаи афсари оперативӣ сар карда, дар вазифаҳои сардори шуъбаҳои амнияти ноҳияҳои Восеъ ва Турсунзода, шуъбаҳои ҳимояи сохти конститутсионии Раёсатҳои амният дар собиқ вилоятҳои Кӯлобу Қӯрғонтеппа ва дар давраи соҳибистиқлол шудани Ватанамон, бениҳоят мураккаб шудани вазъият ва сар задани ҷангҳои шаҳрвандӣ дар кишварамон зиёда аз 7 сол, аниқтараш то моҳи июни соли 2000-ум сардори Раёсати мубориза бар зидди терроризми Вазорати амният буданд.

Ман худро яке аз шогирдони устоди нуктасанҷу ҳамадон Эркин Юлдошевич меҳисобам, зери сарварии он кас охири солҳои 80-ум дар Раёсати Кумитаи бехатарии давлатӣ дар вилояти Хатлон фаъолият кардаам. Аз он кас нозукиҳои фаъолияти оперативӣ, тарзи дурусти пешниҳоди ҳуҷҷатҳои таҳлилӣ ва коркарди ашхос ва гурӯҳҳои ҷиноии муташаккилро, ки ниятҳояшон содир намудани амалҳои ифротгароию дахшатафканӣ аст, омӯхтаам ва дар мубориза дар ин самтҳои ибрознамуда онҳоро истифода бурдаам. Ҳангоми дар минтақаҳои дигари кишвар хизмат кардanам низ дар ҳолатҳои зарурӣ аз он кас маслиҳатҳо мепурсидам, доимо он кас холисона ёрии беғаразонаи худро ба маню ҳамкорон мерасониданд.

Генерал-майор Муҳиддинов Э. Ю. шахси босаводу боғайрат, доною дурандеш буда, дар байни афсарони қаторию роҳбарони дараҷаҳои гуногуни КДАМ ҶТ дар муддати 33 соли хизматаш соҳиби эътибору эҳтироми хоса гаштааст. Бо сарварию чораандешии устод, нотарсию вафодорӣ ва сина сипар карданҳо аз тарафи кормандони Раёсати мубориза бар зидди терроризм садҳо адад силоҳи оташфишон, миқдори зиёди воситаҳои тарканда аз ҷиноятқорон ёфта, мусодира карда шудаанд, даҳҳо роҳбарони ҷиноии гурӯҳҳои террористӣ дастгир ё безарар карда шудаанд. Аз рӯи хислаташон марди хоксору заминӣ бошанд ҳам, дар иҷрои вазифаҳои хизматӣ содиқ буданд, тарс ҳангоми таъмини чорабиниҳо ва амалиётҳои махсус, коркарду дастгир намудани ҷинояткорони хавфнок барои он кас бегона буд. Мисолҳои зиёдеро овардан мумкин аст, ки бевосита бо иштироки Эркин Юлдошевич дар шаҳри Душанбе, ноҳияҳои Ваҳдату Рудакӣ ва гирду атрофи пойтахт чорабиниҳо барои дастгиркунӣ ё бархамзании гурӯҳҳои силоҳбадасту қотил барои таъмини зиндагии оромонаи мардум гузаронида шуда буданд.

Масалан, гурӯҳи силоҳбадасти Ризвон Содиров, ки худ зода ва сокини шаҳри Ваҳдат буд, соли 1992 як гурӯҳи калони қотилонро ташкил намуд. Бо гаравгонгирию берахмӣ ва қотилиаш дар ҷумҳурӣ ва бо тарафдоронаш бо содир намудани ҷиноятҳои вазнин дар водии Рашт машҳур шуда буд. Барои дар назди мардуми ноҳия бар зидди Ризвон нотарсона баромад намудан ва дастгирӣ кардани сохти конститутсионӣ аз тарафи сардори амнияти ноҳия полковник Ҳасанов Акрам, афсари калони амният майор Донаев Сулаймон, шахсан худи Ризвон бо 5 ҷанговаронаш ба идораи амнияти ноҳия рафта, онҳоро ва як афсари оперативии ШКД ноҳияи Раштро, ки бо номбурдаҳо будааст, ба қатл мерасонанд. Моҳи феврали соли 1993 вай ноҳияи Раштро Ҷумҳурии исломии Рашт эълон карда буд. Даҳҳо маротиба ашхоси алоҳида ва хориҷиёни Созмони Милали Муттаҳид ва дигар ташкилотҳои байналхалқиро гаравгон гирифта, аксарияти онҳоро баъди гирифтани маблағҳои калон ба қатл мерасонд. Бо ҷанговаронаш ба Афғонистону Покистон рафта, онҳоро аз таёрии махсус мегузаронд. Як муддат роҳбарияти Иттиҳоди нерӯҳои оппозитсиони тоҷик Содиров Ризвонро сарфармондеҳи Қувваҳои мухолифин таъин намуда буд. Аз бедодгарӣ ва амалҳои берахмонаи Ризвон роҳбарияти ИНОТ низ безор мешавад, бо пешниҳоди роҳбарияти ИНОТ вай аз вазифа бо фишори қаҳрамони зиндаёд Аҳмадшоҳ Масъуд озод карда мешавад. Ризвон бо бародару муҷоҳидонаш ба ҶТ баргашта, амалҳои ночавонмардонаи худро нисбати кормандони ҳифзи ҳуқуқ ва мардуми мулкӣ давом медиҳанд.

Соли 1997 дар арафаи сафари хизматии Роҳбари давлат ба Аврупо, Ризвон ба ҶТ бармегардад, дар минтақаи Оби Гарм аз тарафи бародари вай Баҳром Содиров 13 нафар шаҳрвандони хориҷӣ гаравгон гирифта мешаванд. Аз тарафи дигар ҷанговарони Ризвон рӯзноманигорони фаронсавӣ, зану шавҳар Карин Манн ва Ф. Маннро дар шаҳри Душанбе гаравгон мегиранд. Дар вақти озод намудани гаравгонҳо Карин Манн аз таркиши норинҷаки ҷиноятқорон кушта мешавад. 25-уми ноябри соли 1997 роҳбарияти Кумита устод Эркин Муҳиддиновро роҳбари чорабинии дастгир ё безараргардонии роҳбари қотилон Ризвон таъин мекунад. Кордонӣ, ғайрату далерӣ ва қобилияти дурусти ташкилотчигии Эркин Юлдошевич сабаб шуд, ки Содиров Ризвон дар натиҷаи амалиёти 2-шабонарӯза дар шаҳри Душанбе безарар гардонида шуда, 5 ҳамроҳонаш кушта, боқимондаҳояшон дастгир, аз онҳо даҳҳо адад силоҳҳо ва воситаҳои тарконанда мусодира карда шуданд.

Барои бомуваффақият гузаронидани ин амалиёт, устод Муҳиддинов Э. Ю. бо рутбаи олии ҳарбии генерал-майор ва афсарони фаъоли дар амалиёт иштирокнамуда бо мукофотҳои давлатӣ ва тухфаҳои қимматнок аз тарафи Сарфармондеҳи Олии ҚМ ҶТ мухтарам Эмомалӣ Раҳмон қадрдонӣ карда шуданд.

Барои хидматҳои шоёнашон дар таъмини сулҳ ва амнияти кишвар устод ҳамчунин бо ордени Спитамен ва дигар мукофотҳои давлатӣ сарфароз гардонида шудаанд.

Генерали арзанда ҳоло дар атрофи фарзандону набераҳон давлати пирӣ меронанд, дар воҳӯриҳо бо собиқадорон шоҳмотбозӣ мекунанд, китоби ёддоштҳояшонро ва баъзан шеърҳои пурмазмун менависанд.

Аз фурсат истифода бурда, устоди азиз, рафиқ генерал-майор Эркин Юлдошевичи мухтарамро аз номи шогирдону ҳамкорон ва дӯстонашон бо 80-умин солгарди ҳаёти пурсамарашон табрик намуда, бароияшон саломатию сарбаландӣ, хушбахтиҳои зиёд ва офияти зиндагиро аз Яздони Пок таманно дорем.

**Р. МАҲМАДАЛИЕВ,**
**генерал-майор, собиқадори КДАМ ҶТ**

## МАВЛУДНОМА

**• 19 СЕНТЯБР •**

**Абдумусобир Бобоев** (1949), 75-олагии зодрӯзи олими соҳаи кишоварзӣ.

**Саодат Муҳаммадҷонова** (1939), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи тиб.

**Муҳиддинҷон Муҳсинов** (1939-2001), 85-солагии зодрӯзи доктори илми тиб, профессор.

**Ҳошим Раҳимов** (1954), 70-солагии зодрӯзи киноактёр.

**Ғуломҷон Маҳмудов** (1939-2016), 85-солагии зодрӯзи нахустин муҳандиси телевизиони тоҷик, Инженери хизматнишондодаи Тоҷикистон, Аълочии телевизион ва радиои ИҶШС.

**Темур Усмонов** (1924-1998), 100-солагии зодрӯзи собиқадори матбуот.

**Гарсен Тассе** (1794-1878), 220-солагии зодрӯзи шарқшиноси фаронсавӣ, муҳаққиқи фалсафа ва тасаввуф, аввалин тарҷумони Хайёму Саъдӣ ба забони фаронсавӣ.

**Теа Чехеидзе** (1929), 95-солагии зодрӯзи забоншиноси гурҷӣ, муаққиқи забонҳои форсии миёна ва форсии нав.

**• 20 СЕНТЯБР •**

**Мирзо Абдулқодири** Бедил (1644-1721), 380-солагии зодрӯзи шоир ва мутафаккири форс-тоҷик.

**Ҷалол Икромӣ** (1909-1993), 115-солагии зодрӯзи Нависандаи халқии Тоҷикистон, дорандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Рӯдакӣ.

**Саъдулло Мирсаидов** (1934), 90-солагии зодрӯзи Рассоми халқии Тоҷикистон.

**Домуллоҷон Муртазоев** (1934-2006), 90-солагии зодрӯзи олими соҳаи математика.

**Ғаниҷон Муҳаммадиев** (1949), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи биология.

**Собир Юнусов** (1934), 90-солагии зодрӯзи олими соҳаи биология.

**• 21 СЕНТЯБР •**

**Неъматҷон Ашӯров** (1904-1973), 120-солагии зодрӯзи арбоби ҳизбию давлатӣ.

**Бӯрӣ Қобилов** (1904-1985), 120-солагии зодрӯзи пахтакор, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ.

**Евгений Евсевев** (1919-1984), 105-солагии зодрӯзи доктори илми тиб.

**Раҳии Муҳайирӣ** (1909-1968), 115-солагии зодрӯзи шоири эронӣ.

**• 22 СЕНТЯБР •**

**Аҳмад Мираминзода** (1879-1955), 145-солагии зодрӯзи шоир.

**Низомиддин Турсунов** (1934), 90-солагии зодрӯзи олими соҳаи техника (кишоварзӣ).

**• 23 СЕНТЯБР •**

**Аврод Бурҳонов** (1934), 90-солагии зодрӯзи Ҳофизи халқии Тоҷикистон.

**Асланшоҳ Раҳматуллоев** (1954), 70-солагии зодрӯзи ҳунарманди театру кино, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон.

**Анна Сармина** (1909-1988), 115-солагии зодрӯзи пахтакор, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ.

**• 24 СЕНТЯБР •**

**Сергей Аверянов** (1924-1981), 100-солагии зодрӯзи сарояндаи оркестри ҳарбӣ, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

**Анатолий Мансуров** (1939), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи техника.

**Ҳазратқул Файзиев** (1924-1997), 100-солагии зодрӯзи нависанда, Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон.

**Любов Фроликова** (1949), 75-солагии зодрӯзи рассом.

**• 25 СЕНТЯБР •**

**Ирина Абирова** (1939), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи педагогика.

**Наримон Аҳмадов** (1949), 75-солагии зодрӯзи муаррих.

**Венера Қодирова** (1964), 60-солагии зодрӯзи журналист.

**Нур Мақсудов** (1939), 85-солагии зодрӯзи сарояндаи оркестр, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

**Носири Хусрави Қубодиёнӣ** (1004-1088), 1020-солагии зодрӯзи адиб ва мутафаккири форс-тоҷик.

**Таҳияи Г. ИСМОИЛОВА,**
**Ҳ. АМРИДДИН,**
**кормандони Китобхонаи миллии Тоҷикистон**

**Аз идора**
**Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд? ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД!**
**Тел: 221-00-84**

Эълонҳои бештар дар ARZON.TJ

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

► Дипломи ДМБ №0178981, рақами қайд №744, ба номи Боронов Хуршед Ҷурахонович, ки соли 2021 аз ҷониби Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. С. Осимӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ, №35180, ба номи Дустова Лолаидарвоз Нарзуллоевна, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Сино, к. Н. Махсум 102, ҳ. 7, ки соли 2014 дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи ҳадяи квартира таҳти феҳристи №8ш-1761, аз 18.04.2014, аз номи Дустова Хосият Нарзуллоевна ба номи Дустова Лолаидарвоз Нарзуллоевна, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Сино, к. Н. Махсум 102, ҳ. 7, ки дар нотариуси давлатии Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Сино ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Билети донишҷӯӣ, №295/21, ба номи Анварзода Сӯҳроб Ҷивоншо, ки соли 2021 аз ҷониби Донишгоҳи тарбияи ҷисмонӣ ба номи С. Раҳимов дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Билети ҳарбии ҶТ №0086531 ба номи Каримов Азизҷон Азамович, ки санаи 08.07.2023 аз ҷониби Комиссариати ҳарбии н. И. Сомонӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дипломи ДТК №0243557, рақами қайд №802, ба номи Абдушукурова Дилрабо Мансурҷоновна, ки соли 2022 аз ҷониби Коллеҷи тиббии ҷумҳуриявӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ, А04466053, ба номи Якубов Абдулло Вахидҷонович, ки санаи 26.07.2022 аз ШВКД-2 н. Фирдавсӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи ронандагӣ, АА1331321, ба номи Якубов Абдулло Вахидҷонович, ки санаи 25.08.2022 аз ҷониби ШБИ РБДА ВКД ҶТ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникии мошини сабукрав, DB0223431, рақами давлатӣ 4004JJ01, ба номи Якубов Мухамад Хасанович, ки санаи 10.11.2018 аз ҷониби ШБИ РБДА ВКД ҶТ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи бақайдгирӣ ва иқтибоси соҳибкори инфиродӣ тибқи Шаҳодатномаи махсус ба номи Суфиева Бинафша, РЯМ: 0730231315, РМА: 076720260, аз 21.08.2023, ки аз ҷониби Нозироти андози шаҳри Турсунзода дода шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ, А00048783, ба номи Караваев Тимур Владимирович, ки санаи 12.10.2014 аз ҷониби ШВКД ноҳияи И. Сомонӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Билети ҳарбии ҶТ №951180 аз 31.08.2024 ба номи Ҷураев Машраф Улуғбекович, ки аз ҷониби Комиссариати ҳарбии ноҳияи Фирдавсӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Билети ҳарбии ҶТ №23233 аз 24.04.2023 ба номи Ҳамидов Сафовуддин Баҳриддинович, ки аз ҷониби Комиссариати ҳарбии ноҳияи Фирдавсӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи ҳадяи квартира таҳти феҳрасти 1Ш-1351, ки аз 26.11.2020 аз ҷониби Саридораи нотариалии давлатии ҶТ ба номи Саидов Умед Сироҷиддинович бо суроғаи ш. Душанбе, кӯчаи Ҳусейнзода, бинои 18, квартираи 42 дода шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи бақайдгирӣ, №79369, аз 20.12.2022 ва шиносномаи техникӣ ба номи Садиков Илҳомидин Саиджавхорович, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Шоҳмансур, к. Айнӣ, хонаи 46/2, блоги Г, ҳ. 19, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ ба номи Давлятов Умар Мирзоаҳмадович, РЯМ: 0430295443, РМА: 046395708, ки соли 2019 аз ҷониби Нозироти андози н. Сино дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 11, Т-АТУ №0117013, ба номи Султонов Меҳриддин, соли хониш 2014-2015, ки аз МТМУ №11-и н. Рӯдакӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ ва дафтари ҳавлӣ ба номи Саидова Саида, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Шоҳмансур, к. Зафар 191, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 11, Т-АТУ №0591155, ба номи Сайраҳмонов Манучеҳр Исматуллоевич, ки санаи 17.07.2018 аз МТМУ №2-и ноҳияи Лахш дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дафтари ҳавлӣ ба номи Розыкова Хамида Рахматуллоевна, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Шоҳмансур, к. Ҳусейнзода 12, ҳ. 13, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дафтари ҳавлӣ ба номи Розыкова Хамида Рахматуллоевна, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Шоҳмансур, к. Ҳусейнзода 12, ҳ. 15, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Патенти соҳибкори инфиродӣ ба номи Каримов Нуриддин, №0466746, РЯМ: 3330083809, РМА: 335268274, ки санаи 13.03.2021 аз Нозироти андози ноҳияи Ҷ. Балхӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 11, Т-ШТУ №0447727, ба номи Саидова Сайлонбӣ Абдуназаровна, соли хатм 2011, ки аз МТМУ №76-и ноҳияи Фирдавсӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ ба номи Саидов Шерали, бо суроғаи ш. Турсунзода, деҳоти Қаратоғ, деҳаи И. Аъзам, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи №32 устоди варзиши ҶТ оид ба шиноварӣ ба номи Бордачёва Екатерина Дмитриевна, ки аз 25.12.2020 аз ҷониби Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати ҶТ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

## JOB VACANCIES

UNDP is the United Nations' global development network, an organization helping to achieve the eradication of poverty, and the reduction of inequalities and exclusion by supporting countries to develop policies, leadership skills, partnering abilities, institutional capabilities and build resilience to sustain development results. The network is active in about 170 countries and is present in Tajikistan since 1994. Our current focus in the country is on sustainable economic development, governance, building resilience to climate phenomena, developing the country's potential on green energy, and reducing the burden of HIV/AIDS.

**UNDP Tajikistan is seeking to recruit:**

- **Programme Finance Associate, Only for citizens or residents of Tajikistan (Job ID: 20651/FTA/G7); Duty Station: Dushanbe; Deadline for applications: 29 September 2024 NY time.**

**For detailed Job Description and instructions for submission of applications please visit our website https://www.undp.org/tajikistan/jobs**

**Online application includes filling in the online form with all the required information. Incomplete forms will not be considered for further assessment.**

**UNDP is committed to achieving workforce diversity. Women are encouraged to apply, as well as individuals from minority groups and persons with disabilities.**

# ЭЪТИМОДИ МАРДУМРО БА ДАСТ ОВАРДА БУД



**Нишасти матбуотӣ идома дошт ва рӯзноманигорон пайваста саволҳои печ дар печ медоданд. Ба баъзеи ин саволҳо ҷавоб гуфтан мумкин набуд, зеро дар бораи парвандаҳое, ки тафтишоташон ба охир нарасидааст, маълумот доданро қонун иҷозат намедиҳад…**

Аммо ҳастанд рӯзноманигороне, ки пойфишорӣ мекунанд, то ба саволҳои худ ҷавоби пурра гиранд. Дар чунин мавридҳо муовини якуми Прокурори генералӣ Абдусамӣ Содиқзода оромона ба журналист мегуфт:

- Каме сабр кунед, ман худам пас аз ба охир расидани тафтишот ва ирсол гардидани парвандаи ҷиноятӣ ба суд ба шумо маълумот хоҳам дод. Алҳол, тоқат бояд кард...

Рӯзноманигор ором шуду гуфт:

- Раҳмат, ман ба шумо бовар мекунам....

Бале, аксари одамоне, ки ба Прокуратураи генералӣ корафтода мешуданд, ба Абдусамӣ Содиқзода бовар мекарданд. Зеро ин марди поктинату ҳаққгую ҳаққҷӯ дар иҷрои вазифаи касбӣ ҳаргиз аз доираи қонун берун пой намегузошт ва адолатро зери шубҳа намебурд. Ӯ ҳамеша баъд аз мӯшикофона таҳқиқ намудани далелу арқом тасмими ниҳоӣ мегирифт.

Абдусамӣ Содиқзода соли 1981 пас аз хатми факултаи ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолияташро аз Прокуратураи ноҳияи Ленин (ҳоло Рӯдакӣ) оғоз намуда, то вазифаи муфаттиши калон расид.

Кори пурсамари муфаттиши ҷавон аз назари роҳбарони прокуратураи ҷумҳурӣ дур намонд. Бинобар ин, ӯро ба вазифаи муфаттиш оид ба корҳои махсусан муҳими Прокуратураи РСС Тоҷикистон гузарониданд. Дар ин вазифа низ Абдусамӣ Содиқзода солҳо фаъолияти пурсамар дошт. Соли 1999 ба Прокуратураи вилояти Суғд гузашта, хизмати хешро дар вазифаи сардори шуъбаи назорати тафтишоти пешакии прокуратураи вилоят ва минбаъд дар вазифаи муовини прокурори вилояти Суғд идома дод. Солҳои охир ӯ ба марказ баргашта, ба ҳайси муовини якуми Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон кор кард.

Ҳамкасбони генерал-лейтенант, мушовири адлияи дараҷаи дуюм Абдусамӣ Содиқзода оид ба фаъолияти ин марди наҷиб бо меҳр ва эҳтироми беандоза сухан гуфта, махсусан аз хислатҳои ҳамидаи инсонӣ ва донишу тахассуси баланди касбии ӯ ҳамеша ба некӣ ёдоварӣ мекунанд. Воқеан, ин марди наҷиб арзандаи ёдоварии дӯстон буду ҳаст. Зеро ӯ ҳам дар зиндагӣ ва ҳам дар кор намунаи ибрат буду ҳаст.

Генерал Абдусамӣ Содиқзода ҳамчун шахси нармгуфтор, вале серталаб, принсипнок, зиндагидӯст дар ёди мо дӯстон нақш бастааст. Чунин хислатҳои ӯ аз тарбияи хонаводагиаш маншаъ мегиранд. Падараш дар вазифаҳои роҳбарикунандаи давлатӣ ва модараш то лаҳзаҳои охири зиндагӣ ба ҳайси омӯзгор фаъолият намуда, дар тарбияи фарзандон серталаб буданд.

Шодрвон Абдусамӣ Содиқзода барои хизматҳои шоистааш барои миллат ва давлат бо ордени «Шараф» дараҷаи 2 мукофотонида шуда, соли 2022 бо назардошти хизматҳои шоистааш бо пешниҳоди Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон Юсуф Раҳмон ва дастгирии бевоситаи Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сазовори мукофоти баланди давлатӣ - Корманди шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон гардид.

Ду сол пеш, рӯзи 10-уми август бо мақсади бо зодрӯз табрик намудани Абдусамӣ Содиқзода ба Прокуратураи генералӣ рафта будам. Дар саҳни хавлӣ вохӯрдем. Қариб як сол ӯро надида будам. Дар ин дидор ӯро хеле афсурда дарёфтам. Маълум шуд, ки аз бемории қанд азият мекашад...

Зиндагӣ чунин аст, ки ҳамаи инсонҳо бо навбат ин дунёро тарк мекунанд. 20-уми майи соли 2023 дӯсти азизи мо, фарзанди сарсупурдаи Ватан Абдусамӣ Содиқзода низ аз олам даргузашт. Вале хотираи неки ӯ ҳамеша бо мост.

Ёдат ба хайр, дӯсти нотакрор!

**Тоҳир ОҚИЛОВ,**
**шаҳри Душанбе**

# БА ДОДИ МАН КӢ МЕРСАД?

**(Аввалаш дар саҳ.6)**

Моҳи декабри соли 2023 буд. Бисёр таваллою зорӣ кардам, гуфтам модом, ки роҳи дигар набошад, майлаш, чаппа кунед, лекин як маслиҳат дорам, вайрон кардан осон. Ҳамин хонаи маро дар баланси мактаб гузаронед, бигузор дар он 6-солаҳо хонанд ё ман китобҳоямро, ки теъдодашон 7 ҳазор аст, китобхонаи шахсӣ мекунам, шогирдон, мардуми гирду атроф китобхон шаванд. Вале як рӯз масъулин қарори раиси ноҳияро оварда, бо посбони мактаб дар лаби як канал 6-сотихӣ замин доданд. Сонӣ гуфтанд, ки дар идораи лоиҳакаш ва кумитаи замин маблағ месупоред, то ки ҳуҷҷатҳоятонро тайёр кунанд. Дар идораи лоиҳакаш 1641 сомонӣ супоридем, ҳатто чеки пули супоридаамонро надоданд, дар кумитаи замин бошад, 952 сомонӣ супоридем. Чун барои тасдиқи аризаҳоямон пеши собиқ раиси кумитаи замини ноҳия Баҳодур рафтем, он кас гуфтанд, ки замине, ки шуморо доданд, барои манзил нест, онҷо хона накунед.

Аз байн як ҳафта нагузашта, архитектори ноҳия Ғоибов Фахриддин ва раиси дастгоҳи раиси ноҳия Абдуллоев Акрам телефонам карданд, ки ба назди хонаат биё. Омадам. Гуфтанд, ки китобҳоятро оварда бошӣ, аз инҷо бигир, ки мо барои ҳамвор кардани хона омадаем.

Бо мошини "Мехлопат" номи хонаамро афтонданд. Гуфтам, ки бас аст, ақаллан хиштҳоямро гирам. Аммо чӣ илоҷ... Набераҳоям зор-зор мегиристанду ман низ дар паси девор мегиристам, ки касе набинад. Вақте бачаҳоямон калон мешуданд, бо марҳум ҳамсарам мегуфтем, бачаҳоро хонадор кунем, дар кӯча чояшон мекунем? Вақте ҳамин заминро доданду дар ду сол хона кардем, шодиамон ҳадду канор надошт. Мегуфтам, ки акнун бимирам ҳам, дастам аз хок берун. Имрӯз ҳеҷ хел тасаввур карда наметавонам, ки ин чӣ бало буд, ки ба сари мани муаллим омад.

Ҳазорҳо маротиба андеша кардам. Таваккал кардаму ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон навиштам. Баъди ду моҳ аввал ба раиси вилоят ва аз раиси вилоят ба ноҳия ба ман чунин ҷавоб расид: "Мурочиати шаҳрванд Маҷидов Абдулҳамид барои баррасӣ фиристода мешавад. Хоҳишмандем аз натиҷааш ба муаллифи мурочиат ба таври хаттӣ хабар диҳед".

Муовини якуми роҳбар Хаётзода Ф. Ҷ.

Дар домани Сиёҳкуҳ баҳор селборон 192 хонаро вайрон карда буд. Президент тамоми ғамхориҳоро андешид, барои ин мардум масолеҳи хона ва дигар кумакҳо кард. Ба раис мактуб навиштам, ки заминам ҷудо кунед ва чӣ қадар, ки аз рӯи ноҳиядорӣ тавонед, бо маблағ кумакам ҳам расонед, ки ду дар хона карда тавонам. Ҷавоби аризаамро шуъбаи амволи ноҳия ба таври хаттӣ дод: "Бояд тазаккур дод, ки айни замон ҳокимияти ноҳия имконияти кумак барои сохтмони хона надорад. Имконият пайдо шавад, ҳукумат ё шахсони саховатпеша ба шумо кумак расонида мешавад".

Акнун ҳадафи сатрҳои навиштаамро мегӯям:

Дар ин синну сол хона сохтан бароям хоб асту хаёл. Аз ин лиҳоз, аз ҳамаи шумо ҳамватанонам, аз собиқ шогирдонам хоҳиш мекунам, ки барои харидани хонаи одиякак агар тавонанд кумакам кунанд.

Аз мӯрча мадад гуфтаанд. МИХД-и ноҳияи Фархор, ки ба дастгирии мани муаллими пир нарасид, шояд ҳаммиллатонам, шогирдонам як сомонӣ кумакам расонанд.

**Абдулҳамид МАҶИДОВ,**
**ноҳияи Фархор**

# ДУНЁИ ҒАЗАЛ

**Дар шаҳри Душанбе бо тамғаи нашриёти "Ирфон" "Дунёи ғазал" ном китоби шоир ва нависанда Холмаҳмади Андарӣ ба табъ расид.**




Китоб ғазалҳои дар солҳои гуногун эҷодкардаи адибро дар бар мегирад. Ғазалҳои шоир дар мавзуҳои ҳаёту зиндагӣ, дӯстию вафодорӣ, ватан ва меҳру муҳаббат нисбат ба он, инчунин ваҳдату ягонагӣ, истиқлолияту худшиносии миллӣ нигошта шудаанд. Адиби шинохта Абдурауф Муродӣ дар сарсухани китоб менависад: "Солиёни зиёдест, ки маърифатоину хушбин ва соҳибфазилат, Холмаҳмади Андарӣ, ҳамбастагӣ бо каломи бадеъ дорад... Чанд маҷмӯаи осорашро низ ба табъ расонидааст. Китобҳояш "Меҳроби орзуҳо", "Анбони мусофир" ва "Чаманистон" (дар ду ҷилд)-ро хонандагон хуб пазируфтаанд ва ситоиш кардаанд. Метавон гуфт, ки Холмаҳмади Андарӣ ба арсаи эҷод на бо таҳрики ҳавову ҳавас, балки бо амри дил ва бо азму иродаи устувор ворид гардидааст, сухани гуфтании худро дорад ва меҳоҳад бо каломи мавзуну созанда дар рушди маънавии хонандагон ҳиссагузор бошад".

Чанд намуна аз ғазалиёти Холмаҳмади Андариро манзури шумо мегардонем.

*Чу маро ёд кунӣ, хезу биё,*
*Дилама шод кунӣ, хезу биё.*
*Хуши ман рабудай, ёдат ҳаст?*
*Беш беёд кунӣ, хезу биё.*
*Рафтай, ки хонавайрони дилам,*
*Хонаобод кунӣ, хезу биё.*
*Зиндагӣ бераҳу рӯ бурд маро,*
*Хоҳӣ иршод кунӣ, хезу биё.*
*Сари раҳ қомати ман хам шуда,*
*Қади шамшод кунӣ, хезу биё.*
*Ба сари болини марг афтодам,*
*Хоҳӣ фарёд кунӣ, хезу биё.*
*Ё ба рӯзе шунавӣ хок шудам,*
*Хокобод кунӣ, хезу биё.*
*Нафасе Андарӣ беёд набуд,*
*Нафасе ёд кунӣ, хезу биё.*

***

*Кистам, бар ту, ки гӯям, ёри ман шав, эй Азиз,*
*Кош боре ту бигӯӣ: - Зори ман шав! - Эй Азиз.*
*Хор будан, ин ба гулҳо ёр будан будааст,*
*Фахр созам ин, ки гӯӣ: - Хори ман шав! - Эй Азиз.*
*Дасти ту ҳар ҷо расида, боғ, ободӣ шавад,*
*Розиям, ту даст бар озори ман шав, эй Азиз.*
*Рӯзи марги одамон, сарро нигаҳ доранд, ҳон!*
*Розиям, ки рӯзи марг сардори ман шав, эй Азиз.*
*Роҳатам овози ту, ҷонам навозиш меҳӯрад,*
*Ҳар чӣ мегӯӣ, ту дар гуфтори ман шав, эй Азиз.*
*Дард ояд баҳри мо, дармон ҷӯем аз Худо,*
*Андариро гӯӣ, к-ин: - Бемори ман шав! - Эй Азиз.*

***

*Рӯи ёрам мисли садбарги гулобӣ,*
*Дидаҳояш мисли ангури "Тагобӣ".*
*Абрӯяш моҳи дурӯза хонаму*
*Қоматаш зеботарин нахли шабобӣ.*
*Менавозад дасти ӯ рӯҳу танам,*
*Оғӯшонаш фораму нарму алобӣ.*
*Ӯ табиби бомурувват бошаду*
*Доруе бар қалбу ҷони ин харобӣ.*
*Ҷони мо, мо зиндаем бо рӯйи ту,*
*Сабр бинмо андаке, манмо шитобӣ.*
*Андарӣ дар ин ҷаҳон хоҳад туро,*
*Донад ин ки рӯӣ аз ӯ ту натобӣ.*



## Хостгор

Ба духтаре се хостгор пайдо шуд. Падар аз ӯ пурсид:

- Писари яке аз хостгорон Саид ном дорад, ҷавони зебою варзишгар. Дуюмаш Алӣ ном дорад, бою бадавлат, вале зебо нест. Сеюмаш Хӯҷа ном дорад, боодобу боимон, лекин на безеб асту на пулдор. Аз ин се ҷавон кадомашро интихоб мекунӣ?

Духтар дар ҷавоб:

- Ба ман Саидалихӯҷа маъқул шуд.

## Издивоҷ

Набера аз бобояш мепурсад:

- Бобоҷон, издивоҷ кардан хуб аст?

- Бале, набераи бобо, издивоҷ ки кардӣ, ҳамсарат ҳамдардат мешавад.

- Бобоҷон, ман дарде надорам,- мегӯяд набера.

- Парво накун, издивоҷ ки кардӣ, дард худаш пайдо мешавад.

## Шароб

Устод дар синфхона кирмеро рӯи миз гузошт ва қатрае аз шароб болои он рехт. Кирм мурд.

Устод гуфт:

- Дидед, оқибати шаробнӯшӣ чӣ будааст?

Гуфтанд:

- Оре, бояд шароб хӯрд, то кирмҳои дарунамон бимиранд.

Устод дид, ки толибилмон забони одамро намефаҳманд. Шаробро бурду назди хар гузошт ва хар аз он нахӯрд.

Устод гуфт:

- Дидед, ҳатто хар ҳам аз ин наменӯшад, акнун чӣ хулоса кардан мумкин аст?

Талабаҳо гуфтанд:

- Ҳар касе, ки шароб наменӯшад, хар аст!

## Бӯса

Ҷавон ба духтар:

- Биё, як бӯса кунам...

Духтар:

- Не...

Ҷавон:

- Як бӯса кунам, чӣ мешавад? Вай духтарро бин, ноз накарда, хап истодааст...

Духтар:

- Ҳамон бачаро бинед, напурсида бӯсида истодааст.

## Дуо

Духтаре ба ҷавони дӯстдоштааш мегӯяд:

- Меравам ва дуо мекунам, ки арӯси оянда ат гов бошад.

Ҷавон:

- Ҷонам бошӣ, ин хел дуо накун.

Духтар гуфт:

- Чаро?

Ҷавон:

- Охир, арӯси пешинам ҳамин дуоро карда буд, ана ту ҳам арӯсам шудӣ.

**Таҳияи Н.РАҶАБОВА**

# НЕ НАГУФТА МЕГИРАМ!

Аҷаб хислатҳое дорем мо мардҳо. Агар соқӣ пиёлаи пурро дароз кунад, гӯё одоби майнӯшӣ бошад, гарчанде гулӯ хорида истад ҳам, «не, наменӯшам» мегӯем. Ё ин ки «аввал худатон гиред», «ба ин кас дароз кунед» ва ғайраҳо.

Боре як шиносам ба меҳмонӣ даъват кард. Чанд тан паси дастархони пурнозу неъмат нишастем. Байни обҳои нӯшокӣ ду шиша аракро дида, хориши гулӯям зиёд шуд. Аз оғози суҳбат чанд муддат гузашта бошад ҳам, ҳеҷ кас ба арақ даст намебурд. Гӯё ҳама парҳез бошанд. Ҳамин вақт меҳмони нав омад. Ӯ нишастан замон:

- Чӣ, шумо арақ наменӯшетон-мӣ?,- гуфту даҳони шишаи аввалро кушод. Сони пиёлаҳоро пур карда, якто яшро ба ман дароз кард.

- Канӣ, меҳмон, аз шумо шавад.

- Не, ман наменӯшам,- гуфтам одоби майнӯширо ба ҷо оварда.

- Арақба зӯрӣ нест,- гуфту пиёларо ба шахси дар паҳлуям буда дароз кард. Ғайр аз ман ҳама қадаҳ бардоштанд.

«Ин навбат не нагуфта мегирам»,- қарор додам ман. Хайрият соқӣ баробари холӣ шудани шишаи аввал дуюмашро ҳам кушод. Сонӣ пиёлаҳоро пур кард. Дар паҳлуям, ки менишаст, як ба ман дароз карданӣ шуду «э, мебахшед, шумо наменӯшед-а?» гуфта, ба шахси дигар дод.

Худамро хеле сарзаниш кардам. Лекин дар ин ҷо айби соқӣ ҳам хаст. Акаллан монанди дигар соқиҳо «э, гиреде, гиред» ё ин ки «барои шиносой, барои саломатии аҳли нишаст, сад грамм нӯшед» мегуфт, ҳеҷ гап набуд. Соқӣ-ку ба гуфтани ин суханҳо аклаш нарафт. Дигар аҳли нишаст, аз рӯи одоби меҳмондорӣ «гиред, ҳеҷ гап не» нагуфт. Ана ҳамин бароям гӯё дарс шуд. Аз ҳамон вақт ин ҷониб дар маъракаҳо нишинаму соқӣ арақ дароз кунад, не нагуфта мегирам.

**Абдулҳамид ҶӮРАЕВ,**
**ноҳияи Б. Ғафуров, ҷамоати деҳоти Ғозиён**

## ЯК ЛАТИФА

Як зани хитой меҳмони Ванҷ мешавад. Соҳибхона, ки ҳамкораш буд, чанд ҳамсояро давъат мекунаду сари дастархони дӯстона менишинанд.

Соҳибхона тибқи таомул чойники чойро бо 5-6 пиёла меорад. Баъдан пиёлаеро гирифта 3 маротиба чойро мерезаду боз ба чойник чаппа мекунад. Ҳамин тавр чойро кашида, чойникро дам медиҳад. Баъд пиёлаеро, ки бо он чой кашидааст, назди худ гузошта, ба пиёлаҳои дигар чой рехта, ба меҳмонон дароз мекунад.

Пиёлаи аввалинро ба меҳмони хориҷӣ дароз мекунад. Хитой қавақ карда, пиёларо аз дасти соҳибхона намегирад, боз дуюмбора дароз мекунад, намегирад, сеюм бор ҳам рад мекунад. Соҳибхона ба шубҳа меафтад ва аз хитой сабаб мепурсад.

Хитой мегӯяд:

- Шумо одамгарӣ надоштаед...

- О барои чӣ, чӣ кор кардам?,- суол медиҳад соҳибхона.

Хитой бо ҳайрат мегӯяд:

- Пиёлаи худатонро се бор чайқа кардеду аз маро ягон бор чайқа накарда, чой рехтед.

**Лутфуллои ИДИМАД**

## Сканворд

